**САНГИНОВ Д.Ш. ШАРИФОВ И.М.**

**Ба истиқболи 25 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 35 солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида мешавад**

# ҲУҚУҚИ ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ВАСОИТИ ТАЪЛИМӢ- МЕТОДӢ

Бо қарори Шӯрои илмию методии ДМТ ба сифати васоити таълимӣ-методӣ ба чоп тавсия шудааст

**Душанбе – 2016**

**УДК:**
**ББК:**
**С–18**

**Сангинов Д.Ш., Шарифов И.М.** Ҳуқуқи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ - методӣ. Душанбе.: «Андалеб-Р», 2016. 120с.

**Муаллифон:**

**Сангинов Дониёр Шомаҳмадович** – мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

**Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич** – ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.

**Муқарризон:**

**Мирзоев П.З.** - номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент
**Мирбобоева Р.В. -** номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент
**Қурбонов Қ.Б. -** номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент

**Мусаҳеҳ:** Муҳаммадиев Сипеҳр

Васоити таълимӣ - методӣ бо забони давлатӣ омода шуда, дар асоси барномаи корӣ (силлабус) аз фанни ҳуқуқи фарҳангӣ барои донишҷӯёни курси панҷуми шӯъбаи рӯзонаи ихтиссоси 24010302 - Танзими ҳуқуқии молия ва қарзи факултети ҳуқуқшиносӣ тамоми масъалаҳои ин фанни таълимиро муфассал ва пайи ҳам дар худ таҷассум намудааст.

Воситаи таълимӣ - методӣ барои донишҷӯён, магистрон, аспирантҳо, омӯзгорони факултет ва мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ, ҳамчунин барои тамоми ашхосе, ки зимни иҷрои фаъолияташон қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид фарҳангро мавриди истифода қарор медиҳанд, пешбинӣ шудааст.

**ISBN**

**©Сангинов Д.Ш., Шарифов И.М., 2016.**

**МУНДАРИҶА**

**САРСУХАН …………...........................................................................**

**СИЛЛАБУС аз фанни Ҳуқуқи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барномаи таълимии таҷрибавӣ барои донишҷӯёни курси 5- уми ихтиссоси «Танзими ҳуқуқии молия ва қарз») …………………………...……………..**

**МАТНИ ЛЕКСИЯ аз фанни Ҳуқуқи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ………………………………………………………………………...**

**САВОЛНОМАҲОИ ТЕСТӢ аз фанни Ҳуқуқи фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ………………………………………………………**

# САРСУХАН

Низоми кредитии таҳсилот дар мактабҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, сафарбарнамоии донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳои дигар, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳон ва татбиқи эъломияи Болония амалӣ карда мешавад. Низоми кредитии таҳсилот дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомнома оид ба ташкили ҷараёни таълим дар шароити низоми кредитии таҳсилот аз 30 августи соли 2008, №15/3 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Муассисаи таҳсилоти олӣ барои бо маводи методӣ пурра таъмин намудани ҷараёни таълим ҷавобгӯ аст. Барои ҳар як ихтисос дар факулта бояд маводҳои методии зерин омода карда шаванд:

– барномаҳои намунавии таълим аз тамоми фанҳои омӯхташаванда (мувофиқи нақшаи кории таълим);

– барномаҳои кории мушаххаси фан (SYLLABUS);

– мавод барои кори синфӣ (аудиторӣ) аз ҳар як фанни омӯхташаванда: матни лексияҳо, нақшаҳои дарсҳои семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ;

– басти аёниятҳо ва маводҳои ёрирасон (маводҳои тақсимшаванда) барои гузаронидани дарсҳои аудиторӣ;

– мавод барои кори мустақилонаи донишҷӯён бо роҳбарии устод: басти матни вазифаҳои хонагӣ, саволҳо ва тестҳо, намунаи рефератҳо, корҳои курсӣ ва дипломӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар намуди чопӣ ва электронӣ;

– мавод барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ: нақша ва барномаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ, шаклҳои ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ва ғайра.

Ҷиҳати иҷроиши вазифаҳои мазкур барои пурра фароҳам овардани маводҳои таълимӣ ба донишҷӯёни ихтисоси Танзими ҳуқуқии молия ва қарз (24010302) васоити таълимӣ-методии мазкур омода карда шудааст.

Мутахассис аз рӯи ихтисоси «Танзими ҳуқуқи молия ва қарз» ба кори касбӣ дар мақомоти давлатӣ, бонкҳо, биржаҳо, ташклотҳои молиявӣ ва суғуртавӣ, бунёдҳои сармоягузорӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатии дигари самти иқтисодӣ, хадамоти иқтисодии корхонаҳо ва ташкилотҳои шаклҳои гуногуни моликият, дар вазифаҳои, ки доштани маълумоти олии ҳуқуқшиносӣ зарур мебошад, сафарбар мегардад. Ихтисоси «Танзими ҳуқуқии молия ва қарз» дониши мукаммал дар соҳаҳои мазкур пешниҳод менамоя: танзими ҳуқуқии молияи давлатӣ ва маҳалӣ, фаъолияти бонкӣ ва суғуртавӣ, муомилоти пулӣ (асъор), идоракунии менеҷмент, бозори қоғазҳои қимматнок, андоз ва андозбандӣ. Фаъолияти мутахассиси танзими ҳуқуқи молия ва қарз

барои аз нигоҳи ҳуқуқи ҳал намудани масоли иқтисодӣ равона гардидааст.

Объекти фаъолияти касбии хатмкунандагон:

– муносибатҳои ҳуқуқии молиявӣ ва қарздиҳӣ;

– муносибатҳои ҳуқуқии иқтисодӣ байниТоҷикистон ва мақомоти давлатҳои хориҷа, ташкилотҳои байналхалқӣ ва шахсони ҷисмонии хориҷию дохилӣ;

– тамоми ҳодиса ва ҳаракатҳое, ки аҳамияти ҳуқуқӣ дошта ба муносибатҳои молиявӣ ва қарздиҳӣ вобастагӣ доранд.

Фаъолияти касбии хатмкунандагон бо иҷроиши чунин корҳо алоқаманд аст:

– фаъолияти касбӣ дар Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти дигари давлатӣ, ки фаъолияташаон ба муносибатҳои молиявию қарздиҳӣ вобаста мебошад.

– фаъолияти касбӣ дар корхона, муассиса ва ташкилотҳо навобаста ба шакли моликияташон;

– фаъолияти машваратӣ ва экспертӣ дар ҷодаи татбиқ ва қабули санадҳои соҳаи иқтисодӣ.

– фаъолияти омӯзгорӣ ва тадқиқоти илмӣ дар ҷодаи ҳуқуқи молия, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои ба иқтисодиёт алоқаманд.

Дар васоити таълимӣ - методии мазкур барои донишҷӯёни курси 5-и ихтисоси Танзими ҳуқуқуқии молия ва қарз силлабус, матни лексия ва саволномаи тестӣ аз фанни ҳуқуқи фарҳангӣ ҷой дода шудааст, ки барои аз худ намудани ин фан осон ва ба мақсад мувофиқ мебошад.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Факултети ҳуқуқшиносӣ
Кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

*БАРНОМАИ КОРӢ (СИЛЛАБУС)*
*АЗ ФАННИ ҲУҚУҚИ ФАРҲАНГӢ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*
*БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ КУРСИ ПАНҶУМИ ШӮЪБАИ РӮЗОНАИ*
*ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ*

**Фанни таълимӣ: ҳуқуқи фарҳангӣ**
**Ихтисос: 24030102 – Танзими ҳуқуқии молия ва қарз**
**Ҳаҷми умумии кредитҳо ва соатҳои таълимии донишҷӯ - 4 кредит (64 соат), аз ҷумла,**
**Лексия – 32 соат**
**Машғулияти амалӣ – 16 соат**
**КМД - 16 соат**
**Курс- 5**

Душанбе – 2016

Барномаи корӣ (силлабус) дар асоси Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, барои донишҷӯёни ихтисоси Танзими ҳуқуқии молия ва қарз тартиб дода шудааст.

Барномаи корӣ (силлабус) аз ҷониби дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳукукшиносӣ Сангинов Д.Ш. тартиб дода шудааст.

Барномаи корӣ (силлабус) дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат санаи 29.08.2016, суратмаҷлиси №01 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Мудири кафедра Сангинов Д.Ш.

Бо қарори Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 31.08.2016, суратмаҷлиси №01 тасдиқ шудааст.

Раиси Шӯрои илмию методии факултет Қурбонов Қ.Б.

**Маълумот дар бораи омӯзгори фанни таълимӣ:**

**Сангинов Д.Ш.** – мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент.

**Маълумот барои алоқа**: *ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, «Шаҳраки донишҷӯён», утоқи №506.*

## I.ҶАДВАЛИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ДАРСӢ:

| Ному насаби омӯзгорон | Машғулиятҳои Аудитории: | | КМРО | Суроғаи омӯзгор |
|---|---|---|---|---|
| | Лексионӣ | Амалӣ | | |
| Сангинов Д.Ш. | Душанбе 07:30-08:20 Сешанбе 08:30-09:20 Бинои таълимии №12, синфхонаи №506. | Чоршанбе соати 08:30-09:30 Бинои таълимии №12, синфхонаи №506. | | ДМТ, кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Бинои таълимии №12 синфхонаи №515. |

## II. ШАРҲИ МАВҚЕИ ФАН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Фанни таълимии ҳуқуқи фарҳангӣ барои донишҷӯёни курси 5-уми ихтисоси Танзими ҳуқуқии молия ва қарз зарур буда, дар ташаккулёбӣ, маҳорат ва малакаи худ фаъолияти донишҷӯ ҳамчун мутахассиси ихтисоси баланд мавқеи хос дошта, якеазфанҳоиҳозиразамонбаҳисобмеравад. Фанни мазкур муносибатҳои ҷамъиятии бахши фанҳангиро меомӯзад.

## III. МАҚСАДИ ОМӮЗОНИДАНИ ФАН

- баланд бардоштан ва такмил додани сатҳи дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯён;
- сайқал додани донишҳои назариявии донишҷӯён дар масоили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳангӣ ба воситаи омӯхтани қонунҳои амалкунандаи кишвар дар ин бахш;
- бо тариқи муқоиса омӯхтани ҷанбаҳои алоҳидаи фарҳанги кишвар ва мамлакатҳои ҳориҷӣ;
- такмил додани донишхои назариявии донишчуён марбут ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар доираи фарҳангӣ омӯхта мешавад.

## IV.ВАЗИФАҲОИ ОМӮЗОНИДАНИ ФАН

• шарҳи мазмуни мафҳумҳои асосии ҳуқуқи фарҳангӣ, моҳият ва аҳамияти он;
• кушода додани мафҳумҳои асосии фан;
• пешкаш намудани маълумот дар бораи шарҳи моҳияти амалӣ гардидани ҳуқуқи фарҳангӣ;

• мусоидат намудан ба ташаккулёбии маҳорату малакаи донишҷӯ дар бораи тарзҳои аз худ намудани малакаҳои касбӣ;
• ташаккули фаҳмиши донишҷӯ роҷеъ ба алоқамандии фанни ҳуқуқи фарҳангӣ бо дигар фанҳои ҳуқуқӣ.

## V. НАТИҶАҲОИ НИҲОИИ ОМӮЗОНИДАНИ ФАН

***Дар баробари аз худ намудани фанни таълимӣ донишҷӯ бояд:***

- мазмуни мафҳумҳои асосии фанни ҳуқуқи фарҳангиро аз худ карда бошад:
- иҷрои корҳои мустақилона аз рӯи адабиётҳои асосӣва иловагӣ;
- дастраси маълумотҳо оиди ҳуқуқи фарҳангӣ;

***Дар асоси аз худ намудани фанни таълимӣ донишҷӯ бояд:***

- мазмуни мафҳумҳои асосии фаннро шарҳдода тавонад:
- асосҳои мавҷудияти шаклҳои гуногун, дараҷаҳои ташаккулёбӣ ва меъёрҳои асосии ҳуқуқи фарҳангӣ, низоми фарҳангӣ ва методҳои омӯзиши онро муайян карда тавонад;

**Пререквизитҳо** (алоқамандаии фанни таълимӣ бо фанҳои аз ҷониби донишҷӯ азхудкардашуда): фанҳои дар давраи таҳсил дар муассисаи таълимии таҳсилоти умумии миёна азхудкардаи донишҷӯ: асосҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон;

**Постреквизитҳо:** (алоқамандии фанни таълимӣ бо фанҳое, ки донишҷӯ онҳоро дар баробари азхудкунии фанни ҳуқуқи фарҳангӣва пас аз худ намудани он дар давоми таҳсил аз худ менамояд): ҳуқуқи молиявӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ғайра.

## VI. МАЗМУНИ ГУЗАРОНИДАНИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ФАННИ

<table>
<tr><th rowspan="3">Ҳафтаҳо</th><th rowspan="3">№ тартибӣ</th><th colspan="3">Мундариҷаи мавзӯъҳои машғулиятҳои</th><th rowspan="3">Микдорисоатхо</th><th rowspan="3">Санаиичро</th><th rowspan="3">Холхоимкониятир</th><th rowspan="3">Адабиёт</th><th rowspan="3">Тавзеҳот</th></tr>
<tr><th colspan="2">Аудиторӣ</th><th rowspan="2">КМРО</th></tr>
<tr><th>Лексионӣ</th><th>Амалӣ</th></tr>
<tr><td rowspan="2">I</td><td>1</td><td>Мафҳум ва предмет ҳуқуқи фарҳангӣ</td><td></td><td></td><td>1</td><td></td><td></td><td>1-5</td><td></td></tr>
<tr><td>2</td><td>Мафҳум, предмет ва низоми ҳуқуқи фарҳангӣ</td><td></td><td></td><td>1</td><td></td><td></td><td>1-5</td><td></td></tr>
</table>

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 3 | | Мафҳум,<br>предмет ва<br>низоми<br>ҳуқуқи<br>фарҳангӣ | | **1** | | | 1-5 | |
| | 4 | | | Мафҳум,<br>предмет ва<br>низоми<br>ҳуқуқи<br>фарҳангӣ | 1 | | | 1-5 | |
| II | 5 | Мафҳум,<br>предмет ва<br>низоми<br>ҳуқуқи<br>фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 6 | Мафҳум,<br>предмет ва<br>низоми<br>ҳуқуқи<br>фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 7 | | Мафҳум,<br>предмет ва<br>низоми<br>ҳуқуқи<br>фарҳангӣ | | **1** | | | 1-5 | |
| | 8 | | | Мафҳум,<br>предмет ва<br>низоми<br>ҳуқуқи<br>фарҳангӣ | **1** | | | 1-5 | |
| III | 9 | Сарчашмаҳ<br>ои<br>танзимкуна<br>ндаи<br>ҳуқуқи<br>фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 10 | Сарчашмаҳ<br>ои<br>танзимкуна<br>ндаи<br>ҳуқуқи<br>фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 11 | | Сарчашма<br>ҳои<br>танзимкун<br>андаи<br>ҳуқуқи<br>фарҳангӣ | | **1** | | | 1-5 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 12 | | | Сарчашмаҳои танзимкунандаи ҳуқуқи фарҳангӣ | **1** | | | 1-5 | |
| IV | 13 | Сарчашмаҳои танзимкунандаи ҳуқуқи фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 14 | Сарчашмаҳои танзимкунандаи ҳуқуқи фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 15 | | Сарчашмаҳои танзимкунандаи ҳуқуқи фарҳангӣ | | **1** | | | 1-5 | |
| | 16 | | | Сарчашмаҳои танзимкунандаи ҳуқуқи фарҳангӣ | **1** | | | 1-5 | |
| V | 17 | Субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 18 | Субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 19 | | Субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ | | **1** | | | 1-5 | |
| | 20 | | | Субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ | **1** | | | 1-5 | |
| VI | 21 | Субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 22 | Субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 23 | | Субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ | | **1** | | | 1-5 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 24 | | | Субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ | **1** | | | 1-5 | |
| VII | 25 | Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 26 | Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ | | | **1** | | | 1-5 | |
| | 27 | | Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ | | **1** | | | 1-5 | |
| | 28 | | | Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ | **1** | | | 1-5 | |
| VIII | 29 | **Қабули санҷиши фосилавӣ (рейтинг)-и 1-ум** | | | | | | **2** | |
| | 30 | | | | | | | | |
| | 31 | | | | | | | | |
| | 32 | | | | | | | | |
| IX | 33 | Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 34 | Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 35 | | Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ | | **1** | | | 6-20 | |
| | 36 | | | Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ | **1** | | | 6-20 | |
| X | 37 | Танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 38 | Танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ | | | **1** | | | 6-20 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 49 | | Танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ | | **1** | | | 6-20 | |
| | 40 | | | Танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ | **1** | | | 6-20 | |
| XI | 41 | Танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 42 | Танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 43 | | Танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ | | **1** | | | 6-20 | |
| | 44 | | | Танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ | **1** | | | 6-20 | |
| XII | 45 | Хусусияти хоси фаъолияти фарҳангии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 46 | Хусусияти хоси фаъолияти фарҳангии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ | | | **1** | | | 6-20 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 47 | | Хусусияти хоси фаъолияти фарҳангии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ | | **1** | | | 6-20 | |
| | 48 | | | Хусусияти хоси фаъолияти фарҳангии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ | **1** | | | 6-20 | |
| XIII | 49 | Хусусияти хоси фаъолияти фарҳангии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 50 | Хусусияти хоси фаъолияти фарҳангии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 51 | | Хусусияти хоси фаъолияти фарҳангии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ | | **1** | | | 6-20 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 52 | | | Хусусияти хоси фаъолияти фарҳангии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ | **1** | | | 6-20 | |
| XIV | 53 | Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фарҳанг | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 54 | Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фарҳанг | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 55 | | Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фарҳанг | | **1** | | | 6-20 | |
| | 56 | | | Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фарҳанг | **1** | | | 6-20 | |
| XV | 57 | Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фарҳанг | | | **1** | | | 6-20 | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 58 | Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фарҳанг | | | **1** | | | 6-20 | |
| | 59 | | Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фарҳанг | | **1** | | | 6-20 | |
| | 60 | | | Ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузорӣ дар соҳаи фарҳанг | **1** | | | 6-20 | |
| XVI | 61 | **Қабули санҷиши фосилавӣ (рейтинг)-и 2-юм** | | | **1** | | | | |
| | 62 | | | | **1** | | | | |
| | **63** | | | | **1** | | | | |
| | **64** | | | | **1** | | | | |

## VII.АДАБИЁТҲОИ ТАЪЛИМӢ ВА САНАДҲОИ МЕЪЁРИВУ ҲУҚУҚӢ:

### 1. Адабиётҳои таълимӣ


1. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон (санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ). Васоити таълимию амалӣ. Душанбе, «Эр-граф», 2012. 320с.
2. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии (туристии) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Васоити таълимӣ. Душанбе: «Эр-граф». 2012.400с.
3. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» / Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сангинов Д.Ш. Душанбе: «ЭР-граф», 2013. 200 саҳ. (ҳайати муаллифон).
4. Сангинов Д.Ш. Социальные и экономические права и свободы молодёжи в Республика Таджикистан// Ҷавонони муосир. Душанбе: Бухоро, 2013. С.119-132.
5. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матнилексия): Воситаи таълимӣ // Душанбе: «ЭР-граф», 2014, 500 саҳ.
6. Сангинов Д.Ш. Роль социально-культурных услуг в формирование правовой культуры граждан// Правовая жизнь. Душанбе, 2014, №1 (05). С.73-85.
7. Сангинов Д.Ш. Гражданско-правовая ответственность сторон в договоре возмездного оказания социально-культурных услуг// Вестник ТНУ. Серия гуманитарных наук. Душанбе: «Сино». 2013. №3/1 (128). С.151-156.
8. Сангинов Д.Ш. Понятие социально-культурных услуг по законодательству Республики Таджикистан//Вестник педагогического университета. Душанбе, 2013, №6 (55-2). С.133-140.
9. Сангинов Д.Ш. Научно-методологический подход к формированию понятия «услуги культуры»//Вестник педагогического университета. Душанбе, 2013, №6 (55 ч.2). С.140-146.
10. Сангинов Д.Ш. Понятие и содержание договора на оказания культурных услуг //Молодёжь и современная наука//Материалы международной Конференции молодых ученых посвященный 23 мая Дню молодежи Таджикистана на тему «Государственная молодежная политика в государств СНГ: состояния и перспектива» (22 мая 2014 года). Душанбе, 2014. С.83-99.
11. Сангинов Д.Ш. Правовая политика Республики Таджикистан в области социально-культурных услуг//Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот (Маводҳои конфренсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, ш. Душанбе, 17 марти соли 2014)/ Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. Душанбе С.136-144.
12. Сангинов Д.Ш. Сфера социально-культурных услуг в гражданском обороте// Вестник Университета (РТСУ): научный журнал. Душанбе, 2014. – №1(44). -С.44-49.
13. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально-культурных услуг по законодательству Республики

Таджикистан// Пробелы в российском законодательстве. М., 2014, №1. С.62-65.

14. Сангинов Д.Ш. Понятие и особенности социально-культурных услуг по законодательству Республики Таджикистан// Чёрные дыре в Российском законодательстве. М., 2014, №1. С.143-147.

15. Сангинов Д.Ш. Роль Конституции в регулировании социально-культурных услуг// Материалы международной научно-практической конференции на тему: «Развитие конституционализма в Таджикистане в период независимости»// под редакцией к.ю.н., доцента Диноршоева А.М. – Душанбе: «Голд-принт», 2014. С.128-139.

16. Сангинов Д.Ш. Мафҳум ва сохтори хизматрасонии иҷтимоӣ-фарҳангӣ //Мушкилоти танзими ҳуқуқии инноватсия дар фаъолияти соҳибкорӣ (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ аз 10 июни соли 2014)/ Зери таҳрири номзадҳои илмҳои ҳуқуқ, дотсентон Насурдинов Э.С., Сангинов Д.Ш., Бобокалонов Ғ.М. Душанбе: Матбааи ДМТ. 2014. С.135-143.

17. Сангинов Д.Ш. Проблемы законодательного регулирования предпринимательских отношений при оказание социально-культурных услуг// Сборник материалов Международной научно-практической конференции «Роль права в современном обществе: достижение и перспективы» повешенной 20 литию Конституции РТ. Душанбе, РТСУ. С.89-100.

18. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование отношений в сфере оказания социально-культурных услуг. Монография. Душанбе, «Эр-граф», 2014. 208с.

19. Сангинов Д.Ш. Понятие и содержание договора на оказание социально-культурных услуг// Вестник педагогического университета, №6 (61). Душанбе, 2014. С.80-86.

20. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми дуюм/ Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. Душанбе, «ЭР-граф», 2014.435 саҳ. (дар ҳамуаллифӣ).

**2.Санадҳои меъёриву ҳуқуқии дохили давлатӣ.**

1. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994// Бонки мутамарказонида ииттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

2. Кодекси Граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми як аз 30 июни соли 1999, №802, қисми дуюм аз 11 декабри соли 1999, №884 ва қисми сеюм аз 1 марти соли 2005, №84// Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

3. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №455// Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998, №574// Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997, № 519 «Дар бораи фарҳанг» // Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001, № 42 «Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ» // Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №178 «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» // Бонки мутамарказонидаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ADLIA. Версия 6.00.

## VIII. ТАЛАБОТ НИСБАТ БА ТАДРИСИ ФАН. ТАРТИБИ БАҲОГУЗОРӢ.

Омӯзиши фанни ҳуқуқи фарҳангӣ дар факултети ҳукушиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳатмӣ буда, ба таври назариявӣ ва амалӣ дар доираи 64 соат (4 кредит) таълим дода мешавад.

Иҷрои бечунучарои меъёрҳои муқарраргардида, ки дар барномаи мазкур баррасӣ мегардад, шарти ҳатмии амали гардидани чорабиниҳое мебошад, ки дар барнома инъникос ёфтаанд.

Аз ин лиҳоз, донишҷӯ вазифадораст:

- дар ҳамаи машғулиятҳо фаъолона иштирок намуда, қоидаҳои тартиботи дохили мехнатии Донишгоҳро риоя намояд;
- ба дарсҳо сари вақт ҳозир гардида дар ҷараёни дарсҳои лесионӣ ҳамеша фаъол бошад;
- ҳангоми иштирок дар дарсҳо маводҳои дарсӣ –чуночӣ: ҷуздон, китоб, дафтар, қалам ва ғайра)-ро бо худ дошта бошад;
- дар рафти гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ беиҷозати омӯзгор суханнакунад ва ба дигар корҳои беҳуда машғул нашавад;
- ба омӯзгор на бо ному насабаш, балки боисми «устод» муроҷиат намояд.

Сиёсати баҳогузорӣ ба дараҷаи азхудкуниифан аз ҷониби донишҷӯён ва тамоми самтҳои фаъолияти онҳо аз рӯи низоми холдиҳӣ-рейтингӣ (НХР) амалӣ карда мешавад.

Меъёри баҳо гузории тафриқавӣ дар низоми таҳсилоти кредитӣ ба донишҷӯ фаҳмонда мешавад.

Барои фаъолияти мусбату манфии донишҷӯ ҳангоми таҳсил намудҳои зерини холҳои ҷаримавию ҳавасманд гардонӣ пешбинӣ карда шудааст:

*Ҳангоми зоҳир намудани фаъолияти манфӣ*: дар дарсиштироякнакардан – 5 хол; ба дарс дер омадан – 2 хол; сари вақт иҷро накардани

супоришҳои омӯзгор – 5 хол; гуфтугӯи беҳуда ҳангоми дарс – 5 хол; барои ҳаракатҳои гуногуни ноҷо – 3 хол; ба вуҷуд овардани фазои моҷароҷуёна – 5 хол;

*Барои зоҳир намудани фаъолияти мусбӣ:* рафтори намунавӣ – 8 хол; барои иштироки фаъолона – 6 хол; пеш аз мӯҳлат тайёр намудан ва супоридани ва зифаҳои аз ҷониби омӯзгор супоридашуда – 6 хол; санҷиши фосилавӣ – 40 хол; санҷиши ҷамъбастӣ – 60 хол.

Эзоҳ: Холҳое, ки донишҷӯ барои иштирок дар дарс ва пеш аз мӯҳлат супоридани вазифаҳои аз ҷониби устод супорида шуда ва дигар холҳое, ки дар қисми сиёсати баҳо гузорӣ пешбини карда шудаанд, ҳангоми санҷишҳои фосилавӣ ва ҷамъбастӣ ба холҳои ба даст овардаи донишҷӯ илова ё кам карда мешаванд (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1**

Меъёри баҳоҳои эҳтимолӣ (ё имконпазир)-и донишҷӯ

| Баҳо | Истифодаи ададии холҳо | Фоиз (%)-и ҷавобҳои дуруст | Ифодаи анъанавии холҳо |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | 95-100 | Аъло |
| A- | 3,67 | 90-94 | |
| B+ | 3,33 | 85-89 | Хуб |
| B | 3,0 | 80-84 | |
| B- | 2,67 | 75-79 | |
| C+ | 2,33 | 70-74 | Қаноатбахш |
| C | 2,0 | 65-69 | |
| C- | 1,67 | 60-64 | |
| Д | 1,33 | 55-59 | |
| Д- | 1,0 | 50-54 | |
| Ғ | 0 | 0-49 | Ғайри қаноатбахш |

Ҷадвали қабули санҷишҳои фосилавии 1 ва 2 (рейтингҳои 1 ва 2) барои нимсолаи тирамоҳии соли таҳсили 2016-2017 ба таври ҷудогона ба донишҷӯён дастрас мегардад. Баъдиҳар 6 ҳафтаи гузаронидани машғулиятҳо (яъне ҳафтаҳои 7 ва 14) санҷишҳои фосилавӣ (рейтингҳо) гузаронидашуда ҳафтаҳои 17, 18 ва 19 – чун давраи гузаронидани сесияи баҳории соли таҳсили 2016-2017 муайян карда шуда, имтиҳонҳои ҷамъбастӣ қабул карда мешаванд.

## МАТНИ ЛЕКСИЯ

### Мавзӯъ 1. Мафҳум ва предмети ҳуқуқи фарҳангӣ

Ҳуқуқи фарҳангӣ – зерсоҳаи ҳуқуқи сайёҳи буда, аз маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие иборат буда муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фарҳанг ба танзим медарорад.

Предмети ҳуқуқи фарҳангӣ аз муносибатҳои зерини ҷамъияти иборат аст :

- муносибатҳо оид ба танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ;
- муносибатҳо оид ба таъмин ва татбиқи ҳуқуқҳои фарҳангии шаҳрвандон;
- муносибатҳо оид ба пешбурди фаъолияти фарҳангӣ аз ҷониби субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ.

Асоси танзими фаъолияти фарҳанги сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг мебошад, ки ба принсипҳои зерин вобаста аст:

- дастраси умум будани сарватҳои фарҳангӣ;
- озодии фаъолияти эҷодӣ;
- мусоидат кардан ба инкишофи қувваҳои эҷодии шаҳрвандон;
- эътирофи гуногун ақидагӣ ва муносибат  ба ҷараёни эҷодӣ;
- ҳимояи фарҳангии ҳамаи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баробарҳуқуқии тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷод, истифода ва интишори сарватҳои фарҳангӣ;
- ҷанбаи умуми миллӣ, илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона доштани фарҳанг;
- ҷалби фаъолонаи ҷомеа ба сарватҳои умумимиллии ва умумибашарии фарҳангӣ;
- истифодаи моҳиронаи сарватҳои фарҳангӣ дар тарбияи ахлоқии одамон;
- такомул ва густариши робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ;

Фарҳанги Тоҷикистон – дарки зебо, мавзун ва номаҳдуди ҷаҳон аст. Тоҷикон ҳамеша пайрави маданияти қадимии худ ҳастанд, ки эҳтиром ба арзишҳои фарҳанги ниёгони худ мегузоранд. Боиси тазаккур аст, ки баъди ба даст овардани истиқлолияти давлати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи соҳаҳои ҷамъияти аз ҷумла соҳаи фарҳанг хело ҳам инкишоф ва ташаккул ёфт. Дар тули 25 соли истиқлолияти давлати дар Ҷумҳури ҳамаи он муассисаҳои фарҳангие, ки дар замони Шӯрави сохта шуда буданд, аз нав бо тарзу услуби ба фарҳанги меъмории мо хос бунёд гардиданд. Боз ҳамаи он урфу одату ёдгориҳои таърихию фарҳангие, ки мардуми тоҷик доштанду ва қариб, ки тули 70 соли ҳукмронии давлати Шӯрави ба нести рафта буданд дар замони соҳибистиқлолии кишвар аз нав эҳё гардиданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои мутамаддини ҷаҳон буда, дорои фарҳанги суннатии қадимтарини моддиву ғайри-моддӣ мебошад. Дар фарҳанги суннатии тоҷикон намунаҳои зиёди ҳунарҳо ва анъанаҳои мардумӣ мавҷуданд, ки дар тӯли

таърих дар натиҷаи робитаҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ ба кишварҳои дигар гузаштаанд ва имрӯз баъзе халқҳои минтақа он намунаҳоро як ҷузъи фарҳанги суннатии худ низ мешуморанд. Чунончи, ҷашни Наврӯз, шоҳасари мусиқии «Шашмақом», ҳунарҳои заргарию зардӯзӣ, ат-ласу адрасбофӣ, таомҳову либосҳои анъанавӣ ва монанди инҳо нахуст дар байни тоҷикон рушду такомул ёфта, сипас ба фарҳанги халқҳои дигар интиқол шудаанд. Дар мукаммал намудани он мутахассисон аз ПИТФИ, Академияи илмҳо ва муассисаҳои дигари фарҳангӣ саҳми бориз доранд.

Қайд гардан ба маврид аст, ки ҳар як давлату миллатро аз рӯи фарҳанги миллиаш мешиносанд. Албатта ин ҳама пешравиҳою дастовардҳо дар соҳаи фарҳанг бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амали гаштааст.

Фаъолияти фарҳангӣ ин фаъолият оид ба нигоҳдорӣ, бавуҷудорӣ, тақсимнамоӣ ва аз худкунии арзишҳои фарҳангӣ мебошад. Фаъолияти фарҳангӣ фаъолиятест, ки бавуҷудории шароит ҷиҳати рушд, худмуайянкуни ва худташаккулёбии шахсият ва гурӯҳ дар соҳаи истироҳат мебошад. Ин фаъолият дар баргирандаи вақти озод барои истироҳат аст. Ба монанди муошират, бавуҷудоии орзишҳои фарҳанги инчунин бардоштани кайфияти маънавӣ. Фаъолияти фарҳанги қисмати таркибии фаъолияти иҷтимоию фарҳангист, ки барои ҳалли мушкилоти ичтимоӣ тавассути воситаҳо ва методҳои муайян кӯмак мерасонад.

Хусусиятҳои хоси фаъолияти фарҳангӣ инҳо мебошанд:

- ин фаъолият дорои хислати инсондӯстона аст (яъне танҳо барои инсон амали гардонида мешавад);
- ин фаъолият дар ташаккули шахсияти инсон мусоидат менамояд;
- ин фаъолият доимо дар ҳоли рушд қарор дорад;

Функсияҳои фаъолияти фарҳангӣ бошад иттилоотӣ, эҷодӣ ва истироҳативу солимгардонӣ аст.

Шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ чунин мебошад:

- фаъолияти репродуктиви ба монанди зиёднамоии нусхаҳои арзишҳои фарҳангӣ;
- фаъолияти эҷоди ба монанди бавучуд овардани арзиши нави эҷодӣ;
- фаъолияти моддиву истеҳсолӣ ба монанди бавуҷудоии шароити эҷодии рассомӣ, наққошӣ, кандакорӣ ва ғайра;
- фаъолияти маънавӣ ба монанди таълиму тарбия.

Намудҳои фаъолияти фарҳангӣ :

- вобаста ба субъект ҷамъиятӣ, миллӣ, давлатӣ, гурӯҳӣ, инфиродӣ;
- вобаста ба нақши фуксионали умуми ва махсус;
- вобаста ба пайдоиш элитарӣ ва халқӣ;
- вобаста ба арзиш модди маънавӣ;
- вобаста ба хислат дини ва дунявӣ.

**Мавзӯъ 2. Сарчашмаҳои танзимкунандаи ҳуқуқи фарҳангӣ**

Сарчашма гуфта шакли зоҳирии ифодаёбии меъёри ҳуқукро сарчашмаи ҳуқуқ меноманд. Боиси тазаккур аст, ки ҳар як соҳаи ҳуқуқ дорои сарчашмаҳои танзимкунандаи муносаибатҳои дахлдори бахши хеш мебошанд. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти фарҳанги аз ҷумлаи онҳост. Сарчашмаҳои танзимкунандаи фаъолияти фарҳангӣ гуфта маҷмӯи санадҳои меъёри ҳуқуқиеро меноманд, ки муносибатҳои фарҳангиро ба танзим медароранд. Вобаста ба қувваи ҳуқуқиашон чунин таснифбанди карда мешавад:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Фармонҳои президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии зерқонуни.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади универсалии тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро батанзим медарорад. Мутобиқи моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳақ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷодӣ бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад. Сарватҳои фарҳанги ва маънавиро давлат ҳимоя менамояд. Тибқи моддаи 44 бошад ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихию фарҳанги вазифаи ҳар як шахс аст. Инчунин дар моддаи 67 Конститутсияи  Ҷумҳурии Тоҷикистон президенти кишвар дар савганди худ ёд мекунад, ки фарҳанги Тоҷикистонро ҳифз менамояд. Дар моддаи 73 Ҳукумат роҳбарии самараноки соҳаи фарҳангро таъмин менамояд. Дар моддаи 83 салоҳияти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соҳаи фарҳанг дарҷ гардидааст. Ин меъёрҳои Конститутсия бевосита танзимкунандаи муносибатҳои фарҳанги буда меъёрҳои он бевосита барои танзими он равона шудаат.

Сарчашмаи муҳими танзимкунандаи хусусияти хоси муносибатҳои фарҳанги ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» мебошад, ки соли 1997 таҳти №519 қабул гардида аз 36 модда иборат мебошад. Қонуни мазкур ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро дар фаъолияти фарҳанги таъмин ва ҳимоя намуда  муносибатҳои ҳуқуқии субъектонҳои фаъолияти фарҳангиро ба танзим медарорад ва сиёсати давлатиро дар соҳаи фарҳанг муайян менамояд. Тибқи ин қонун фаъолияти фарҳанги фаъолияти шахсони воқеи ва ҳуқуқи мебошад, ки ба эҷод, истеҳсол,эҳё, ҳифз, рушд, интишор ва истифодабарии арзишҳои фаҳангӣ.  Дигар сарчашмаи танзимкунандаи муносибатҳои ҷамъияти дар бахши фарҳанг ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ» аст, ки  23 июли соли 2001, №219 қабул шудааст.

Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқии ҳифз ва нигаҳдории мероси фарҳангиро ба танзим даровара, тартиби ягонаи аз Ҷумҳурии Тоҷикистон берун баровардан ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардани сарватҳои фарҳангиро муқаррар намуда, ҳамчунин ба

густариши ҳамкориҳои байналмилалии фарҳангӣ мусоидат мекунад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ ба Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин, шартномаҳои байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда иборат аст. Агар мувофиқи шартномаҳои байналмилалии тасдиқшуда қоидаҳои дигар нисбат ба онҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ дарбар гирифтааст, мавҷуд бошанд, онгоҳ қоидаҳои шартномаҳои байналмилалӣ амал мекунанд.

Сарватҳои фарҳангии зерин таҳти амали Қонуни мазкур қарор мегиранд:

Офаридаҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, офаридаҳои шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бозтёфтҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;, гирдовардашудаҳои осорхонаҳо, китобхонаҳо, бойгониҳо, кино-фото-фонотекаҳо, нигористонҳо ва дигар маҳзанҳо, бозёфтҳои экспедитсияҳои археологӣ, этнографӣ, фолклорӣ ва табии илмӣ бо ризоияти мақомоти ваколатдори давлатҳое, ки ин сарватҳо аз онҷо пайдо шудаанд, дар натиҷаи мубодилаи ихтиёрӣ ба даст омадаҳо, ба сифати мерос, ҳадя қонунӣ ба дастомада ё бо ризоияти мақомоти ваколатдори давлатҳое, ки ин сарватҳо аз онҷо пайдо шудаанд, аз ҷониби шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил гардонидашуда.

Берун баровардани сарватҳои фарҳангии зерин аз Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст:

Сарватҳои нодири қабл аз панҷоҳ сол ё зиёдтар аз он офаридашуда, аз ҷониби давлат ба рӯйхат ва реестри нигоҳбонӣ дохилшуда, дар осорхонаҳо, бойгониҳо, китобхонаҳо ва маҳзанҳои дигари давлативу ҷамиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳбонишаванда.

Барои муваққатан берун баровардани сарватҳои фарҳангӣ шаҳодатномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошад. Тартиби додани шаҳодатнома барои ҳуқуқи мувақатан берун баровардани сарватҳои фарҳангӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Барои гирифтани шаҳодатнома дар бораи муваққатан берун баровардани сарватҳои фарҳангӣ аз тарафи осорхонаҳои давлатӣ, бойгониҳо, китобхонаҳо ва маҳзанҳои дигари давлатӣ ариза пешниҳод мешавад, ки ба он ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд.

Шартнома бо ҷониби қабулкунанда дар бораи мақсад, мӯҳлат ва шароити муваққатан берун баровардани сарватҳои фарҳангӣ; санади суғуртавии (шаҳодатнома, сертификат, квитансия) шартномаи суғуртаи амволӣ оид ба сарватҳои фарҳангии муваққатан берун баровардашаванда бо таъмини ҳама ҳолатҳои эҳтимолии суғуртавӣ, кафолати хаттии мақомоти давлатии ҷониби қабулкунанда оиди ҳифз,

нигоҳдорӣ ва сари вақт баргардонидани сарватҳои фарҳангие, ки муваққатан дохил карда мешаванд.

Барои гирифтани шаҳодатнома дар бораи муваққатан берун баровардани сарватҳои фарҳангӣ аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ба ариза ҳуҷҷатҳое замима мегардад, ки дар сархатҳои дуюм ва сеюми қисми аввали моддаи 10 Қонуни мазкур зикр гардидаанд.

Барои гирифтани шаҳодатнома дар бораи муваққатан берун баровардани сарватҳои фарҳангӣ аз тарафи шахсони воқеӣ ба ариза ҳуҷҷатҳое замима мегарданд, ки дар сархати сеюми қисми аввали ҳамин модда зикр гардидаанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳиф ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» мақсадҳои зерин иборат аст: танзими ҳуқуқии таъмини ҳифз ва истифодаи самараноки объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, рушди минбаъдаи онҳо ба манфиати ҷомеа, муайян намудани низоми ҳуқуқии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ҳамчун намуди хоси молу мулки ғайриманқул ва сарвати умумимиллӣ, муқаррар намудани назорати давлатӣ оид ба ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифз ва истифодаи самараноки объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, ҳимояи ҳуқуқи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва муайян намудани ӯҳдадориҳои онҳо оид ба ҳифз ва истифодаи самараноки объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, муҳайё кардани шароити мусоид барои нигаҳдорӣ ва барқарорсозии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, муайян намудани ҷавобгарӣ барои амал ё беамалие, ки дар натиҷаи он ба объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ зарари мустақим ё ғайримустақим расонида мешавад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат аст.

Такмили қонунгузории соҳаи фарҳанг яке аз самтҳои асосӣ дар фаъолияти Вазорати фарҳанг маҳсуб ёфта, дар ин муддат ҷиҳати такомули санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа якчанд лоиҳаҳои барномаҳои давлатӣ ва тағйиру иловаҳо ва қонунҳои амалкунанда таҳия гардидаанд.

Арзишҳои фарҳанги бошад воситаҳои моддиву маънави ва дигар арзишҳое, ки аҳамияти таърихи, илмию бадеи ва фарҳанги доранд. Амади Қонуни мазкур фаъолияти фарҳангиро дар соҳаҳои зерин фаро мегирад:

- ошкор, омӯзиш, ҳифз, тармим ва истифода намудани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ;
- адабиёти бадеӣ, киноматаграфия, санъати саҳнавӣ, рақсӣ, мусиқӣ, тасвирӣ, суратгири ва дигар намуду навъҳои санъат;

- касбу ҳунари бадеии халқ намудҳои фарҳанги, халқи забонҳо лаҳҷаҳо, фолклор, анъанаву маросимҳо, адабиёти бадеии ҳаваскорон, кори осорхона ва ҷамъоварию гурӯҳбандии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008, № 455. Боби 15-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифз ва истифодаи объектҳои меросиитаърихию фарҳанги бахида шудааст. Ва моддаҳои 245-248 дар бар мегирад. Мутобиқи ин моддаҳо риоя накардани қоидаҳои муҳофизат ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ, касиф ва хароб кардани онҳо, беасос шикастан, ба ҷои дигар кучонидан ё тағйир додани он инчунин ғайри қонуни тасарруф кардани ҳудуди меросҳои таърихи фарҳанги боиси ҷавобгари ва ҷазои маъмури мегардад. Дар баробари дар моддаҳои 416 барои вайрон кардани тамомияти ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, моддаи 463 барои кашидани маҳсулоти тамоку дар дохили биноҳои фарҳанги тибқи моддаи 463[1] барои фуруши сигор, папирос ва дигар маҳсулоти тамоку дар ҳудуд ва назди муассисаи фарҳанги дар асоси моддаи 525 барои батаври лозим нигоҳ надоштани ҳуҷҷатҳои дорои аҳамияти тахрихию фарҳанги ҷавобгарии маъмури пешбини гардидааст.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 сол. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор моддаҳо ба ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳанги равона шудаанд.

Моддаи 242 несту нобуд кардани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, моддаи 251 тасарруфи ашё ё асноди дорои арзиши фарҳангӣ, моддаи 289 қочоқ дар намуди арзишҳои фарҳангӣ, моддаи 403 барқасдона вайрон кардани меъёрҳои байналхалқии ҳуқуқи башар дар ҷараёни низоъи мусаллаҳ дар намуди аз байн бурдан ё осеб расонидани ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ» аз 6.08.2001, № 42.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои меросии таърихию фарҳангӣ » аз 30.03.2006, № 178.

Соли 2003 Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба Ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ қабул шуд ва то ба имрӯз мамкалатҳои зиёде, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010 аъзои он гашта, тибқи дастури Конвенсия феҳристҳои миллии кишварҳои худро тартибу таҳия кардаанд. (қисми 3, моддаи 12) Яке аз талаботҳои номинатсияҳои ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддии айримоддии ЮНЕСКО пеш аз ҳама мавҷуд будани феҳристи миллӣ ва сабт будани унсури матлуби фарҳангӣ дар он меошад.

**Мавзӯъ: 3 Субъектони ҳуқуқи фарҳангӣ**

Субъектони фаъолияти фарҳангӣ шахсони воқеи ва ҳуқуқие мебошанд, ки дар муносибатҳои фарҳангӣ ширкат меварзанд, ин фаъолиятро ба амал мебароранд, инчунин танзими давлатии ин фаъолиятро ба сомон мерасонанд. Субъект аз калимаи лотинии «субҷектус» гирифта шуда, маънои дар поён ҷойгир буда ва ё асосро ифода менамояд. Субъект барандаи фаъолияти мавзӯи амалии муносибати ҳуқуқи буда амалан ба объект равона карда шудааст. Дар муносибатҳои фарҳангӣ субектони зерин ширкат меварзанд:

- шахси инфиродӣ ба монанди эҷодкорон, миёнаравҳо ва дигар субъектони ба фаъолияти эҷоди машғул буда;
- давлат дар симои мақомоти ваколатдори соҳаи фарҳанг баромад менамояд;
- иттиҳодияҳои ҷамъияти, ки ҳимоякунандаи манфиатҳои гурӯҳи ҷамъият мебошанд;
- муассисаҳои таълимии фарҳанги ва марказҳои илмии соҳаи фарҳанг;
- саноати маишии фарҳангӣ ва истироҳати, ки хизматрасонии ичтимоиро ба сомон мерасонад;
- бахши ғайридавлатии сохторҳои тиҷоратӣ, сармоягузорон, ки дар фаъолияти фарҳангӣ ширкат меварзанд;

**Мафҳумҳои асосӣ:**

**Муассисаи фарҳангӣ -** шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта самти асосии фаъолияти он ба соҳаи фарҳанг алоқаманд аст.

**Корманди соҳаи фарҳанг -** шахси воқеие, ки фаъолияти он оид ба ҳифз, рушд, интишору истифодаи арзишҳои фарҳангӣ марбут аст.

**Мақомоти ваколатдори соҳаи фарҳанг -** мақомоти давлатие, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи фарҳанг идора менамояд. (Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон) .

**Иттифоқи эҷодӣ** – иттиҳодияҳои ҷамъиятии кормандони эҷодии касбии як ё якчанд равияҳои фарҳангие, ки дар асоси узвияти фарҳангӣ таъсис ёфтааст.

Ҳолати ҳуқуқии субъектони фаъолияти фарҳангӣ дар моддаҳои 6,7,13-18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» соли 1997 таҳти №519 мустаҳкам гардидааст.

Яке аз субъектони фаъолияти фарҳанги ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки барои ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии мардуми тоҷик Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои оқилона ва саривақтӣ меандешад. Таҳия ва тартиб додани «Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддӣ» яке аз қадамҳои устувори ҳимоят, таблиғ ва густариши намунаҳои фарҳанги миллӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи «Барномаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013-2020», ки дар таърихи 21 майи соли 2012, №263 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, зарурати тартибу таҳияи «Феҳристи миллии мероси фарҳангии ғайримоддӣ» ба миён

омадааст. Бояд тазаккур дод, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳалу фасли маҷмӯи мушкилоти мавҷудаи соҳа ва фаъолияти пурсамари муассисаҳои фарҳангии кишвар ҳамасола барои сохтмону тармиму таъмири онҳо мунтазам маблағҳои зиёд ҷудо намуда, барои ҳайати эҷодиву маъмурӣ тамоми шароитҳои кориро фароҳам оварда, дар ин самт корҳои зиёде ботадриҷ амалӣ гардида истодаанд.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2016, таҳти №53 «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангӣ барои солҳои 2016-2020» қабул гардид, ки он баҳри фароҳам овардани шароити мусоиди меъёри-ҳуқуқӣ ҷиҳати фаъолияти пурсамари муассисаҳои фарҳанги кишвар ва ҳаллу фасли маҷмӯи мушкилоти мавҷудаи соҳаи мазку рва рушду такомули фарҳангӣ миллӣ мусоидат хоҳад намуд.

Феҳристи  такмилёфтаи мероси фарҳангии ғайримоддӣ аз бахшҳои зерин иборат мебошад:

Бахши1. Анъанаҳои шифоҳӣ- A000 (34 унсур).

Бахши2. Ҳунарҳои иҷроӣ- B000 (146 унсур).

Бахши3. Ҷашну маросимҳо - C000 (50 унсур).

Бахши4. Расму одатҳо, таҷрибаҳои иҷтимоӣ- D000 (17унсур).

Бахши5. Касбу ҳунарҳо- E000 (75 унсур).

Бахши6. Хурокҳои миллӣ- F000 (110 унсур).

Бахши7. Варзиши суннатӣ ва бозиҳои бачагона- G000 (74 унсур).

Айни замон дар ҷумҳурӣ 2318 адад муассисаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла 1352 китобхонаҳои давлатӣ-оммавӣ (аз ҷумла 79 китобхонаи бачагона), 332 қаср ва хонаҳои фарҳанг, 415 клуб, 48 клуби сайёр, 14 марказҳои фарҳангу фароғатӣ, 7 филармонияҳои халқӣ, 62 боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, 23 театри халқӣ, 54 осорхона, 11 хонаосорхона, 24 ансамбли тарона ва ракс, 16ансамбли шашмақомхонон, 7 ансамбли фалаксароӣ, 7 ансамбли эстрадӣ, 10 ансамбли фолклорӣ-этнографӣ, 12 ансамбли рақсӣ ва 2 телефизиони маҳаллӣ (дар тавозуни шуъба ва бахшҳои фарҳанг) 8805 навар кормандон фаъолият доранд.

Ба феҳристи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ 42 осорхона, 2020 ёдгории таърихиву фарҳангӣ, 1278 бостонӣ, 441 таърихӣ-монутенталӣ, 300 ёдгориҳои меъморӣ, 220 шаҳру шаҳракҳои қадима, 833 конҳои қадима, 70 қалъаҳо, 110 мақбара ва масиҷиди таърихӣ, 43 катибаҳои рӯисангӣ, 654 ада макон ва талу теппаҳои таҳқиқнагардида дохил шудааст ва корҳо дар самти такмилу таҳияи феҳристи нав идома доранд.

## Мавзӯъ: 4 Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ.

Танзими давлатии фаъолияти фарҳангӣ гуфта маҷмӯи тарз ва шаклҳои таъсиррасонии давлатро ба субъектони муносибатҳои меноманд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ғанӣ гардондан ва инкишоф додани заминаи моддӣ-техникии фарҳанг ба маблағгузории давлатии фарҳанг афзалият дода мешавад. Тақсимоти маблағҳои асосӣ ба объектҳои таъиноти фарҳангӣ аз тарафи мақомоти марбутаи идораи давлатӣ дар асоси муҳокимаи кушод ва ошкори шаклҳои алтернативӣ муайян карда мешавад.

Бо мақсади таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоб ва ҷобагузории кадрҳои баландихтисос ва қобилиятнок ба хизмати давлатӣ тибқи тартиби мукарраргардида, 3 маротиба озмун барои ишғоли мансабҳои холи маъмурии хизмати давлатӣ дар дастгоҳи марказии Вазорати фарҳанг гузаронида шуд. Баҳри амалӣ намудани тадбирҳо оид ба ҳавасмандгардонии кормандони соҳаи фарҳанг барои муваффақиятҳо ва комёбиҳои назаррас, навоварию эҷодкорӣ, дар амал татбиқ намудани накшаю барномаҳои соҳаи фарҳанг мукофотҳои давлатӣ муқаррар шудааст. Дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби давлат ба намудҳои мухталифи фаъолияти фарҳангӣ, ташкили муассисаҳои фарҳанг ва корҳои мансуб ба беҳбудии муҳити эстетикӣ ва такмили фаъолияти фарҳангӣ таваҷҷуҳи афзалиятнок дода мешавад.

Барои сохтмони муассисаҳои нави фарҳанг дар навбати аввал қитъаҳои замин ҷудо карда мешавад. Асоси танзими фаъолияти фарҳанги сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг мебошад, ки ба принсипҳои зерин вобаста аст:

- дастраси умум будани сарватҳои фарҳангӣ;
- озодии фаъолияти эҷодӣ;
- мусоидат кардан ба инкишофи қувваҳои эҷодии шаҳрвандон;
- эътирофи гуногун ақидагӣ ва муносибат ба ҷараёни эҷодӣ;
- ҳимояи фарҳангии ҳамаи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баробарҳуқуқии тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷод, истифода ва интишори сарватҳои фарҳангӣ;
- ҷанбаи умуми миллӣ, илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона доштани фарҳанг;
- ҷалби фаъолонаи ҷомеа ба сарватҳои умумимиллии ва умумибашарии фарҳангӣ;
- истифодаи моҳиронаи сарватҳои фарҳангӣ дар тарбияи ахлоқии одамон;
- такомул ва густариши робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ;

Ба таркиби сарватҳои фарҳангии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо шомиланд: бозёфтҳои археологӣ, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ, коллексияҳои нодиру ашёҳои қадими ва асарҳои санъат аз қабили мусаввараҳо, асари наққошӣ, расмҳо, муҷассамаҳо, номҳои аҳамияти таърихи дошта, асарҳои ороишӣ, китобҳои дастнавис, дастхатҳои

муаллифон, катибаҳо, ҳуҷҷатҳои таърихӣ, нусхаҳои нодир, оромгоҳҳои шахсиятҳои маъруф, боғот ва манзараҳот табии аҳамияти фарҳанги дошта ва ғайраҳо. Сарватҳои миллии фарҳанги, ки моликияти ҷамъияти, кооперативӣ, омехта, шахси ба ҳисоб мераванд. Дар асоси қонун сабти ном шуда, дар фаъолияти фарҳанги истифода мегардад. Дар баробари сарватҳои фарҳанги инчунин мероси ғайри модди низ таҳти танзими давлати қарор дорад. Ба мероси ғайримоддии фарҳанги урфу одат шаклҳои тасаввуроту ирода донишу мақола, забон дасхатҳои шифоҳӣ, мусиқӣ, ракс, бозиҳо, маросимҳо, ҳунарҳо, шаклҳои анъанавии робита, тасаввуроти экологӣ, рамзу аломатҳо дохил мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини ҳифзи арзишҳои фарҳанги дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зеринро меандешад:

- сиёсати давлатиро барои баланд бардоштани нақши арзишҳои фарҳангӣ дар ҷомеа амали менамояд;
- унсурҳои гуногуни мероси ғайримоддии фарҳангиро бо иштироки ҷамъиятҳо гурӯҳҳо ва ташкилотҳои дахлдори ғайриҳукумати муайян менамояд;
- барои тарбияи мутахассисон дар соҳаи идораи арзишҳои фарҳангӣ чораҳои дахлдор меандешад;
- ба таҳқиқҳои ҳамаҷонибаи арзишҳои фарҳангӣ мусоидат менамояд;
- ҳамкории байналмилалиро оид ба ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ба роҳ мемонад.

Ба низоми мақомоти идоракунии фарҳанг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо дохил мешаванд:

- Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои ташкилот, корхона ва муассисаҳои фарҳангӣ мебошанд;
- мақомоти давлатии ҳокимияти маҳаллӣ.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳангчунин сиёсатҳои давлатиро ба роҳ мемонад:

- кафолати қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шаҳрвандон ва ҳимояи ҳуқуқи онҳоро дар соҳаи ваъолияти фарҳангӣ барраси ва таъмин менамояд;
- барномаҳои ҷумҳуриявии байнидавлати ва байналмилалии инкишофи фарҳангро барраси ва тасдиқ намуда онҳоро ба воситаҳои моддию техники ва молиявӣ таъмин менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зеринро амалӣ мегардонад:**

- татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг;
- эҳё, ҳифз, инкишоф, интишори сарватҳои фарҳанги миллӣ;
- дастраси умум гардондани мероси фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ;

- сабти ном ва муайян намудани тартиби истифодаи мероси фарҳанги миллии хориҷи кишвар:

- ташкили ҳамкории фарҳангии байналмилалӣ, барқарор намудани робитаҳои фарҳангӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии соҳаи фарҳанг;

- муқаррар намудани тартиби таъсис ва барҳам додани муассисаҳои соҳаи фарҳанг;

- ташкили таълиму тарбияи мутахассисон, такмили ихтисоси онҳо, ташкили тадқиқоти илмӣ дар соҳаи фарҳанг;

- бо иттилоот ва маводи илмӣ-методӣ таъмин кардани муассисаҳо;

- ҳавасманд кардани фаъолияти шаҳрвандон, аз ҷумла ба воситаи татбиқи сиёсати давлатии андозситонӣ ва нархгузорӣ бо мақсади ҷалб намудани кӯдакон ба кори эҷодӣ, инкишофи фарҳанг, машғул шудан ба худомӯзӣ, санъати ҳаваскорӣ, ҳунармандӣ;

- ташкили шароит барои таълими ибтидоии бадеӣ, тарбияи умумии зебоишиносӣ, пеш аз ҳама ба тариқи гуманитарӣ кардани соҳаи маориф, дастгирӣ ва тараққӣ додани шабакаи муассисаҳо ва ташкилотҳо – мактабҳои санъат, студияҳо, курсҳо, нигоҳ доштани хизматрасонии асосии бепули китобхонаҳои ҳамаи идораҳову ташкилотҳо, инчунин санъати ҳаваскорӣ (эҷодиёти бадеии ҳаваскорӣ);

- мусоидат ба ривоҷи хайрия ва талабот дар соҳаи фарҳанг;

- ташкили шароит ва сарпарастӣ барои инкишофи фарҳанг, санъат, адабиёт ва намудҳои дигари фаъолияти фарҳанги миллӣ;

- муайянкунӣ, бақайдгирӣ, омезиш, тармим ва ҳифзи ёдгориҳои таъриху фарҳанг, ҳифз ва истифодаи ёдгориҳои таъриху фарҳанг, ки моликияти шахсӣ ва коллективӣ ҳисоб меёбанд, кафолат додан ба афзалияти соҳиб шудан ба ёдгориҳои таъриху фарҳанг;

- ба роҳ мондани ҳисоботи расмии оморӣ дар соҳаи фарҳанг, таъмини эътимоднокӣ ва дастрасии он.

- таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фарҳанг;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми муассисаҳои фарҳанг, новобаста аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликияти онҳо;

- муайян намудани қоидаҳои баҳисобгирии муассисаҳо, гурӯҳҳо ва дастаҳои ҳунарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муқаррар кардани қоидаҳо ва тартиби сафарҳои ҳунарӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- андешидани тадбирҳо барои ҳифз, рушд ва истифодаи мероси ғайримоддии фарҳангӣ.

**Салоҳияти вазорат, ташкилот ва идораҳои дигар дар соҳаи фарҳанг**

Вазоратҳо, ташкилотҳо ва идораҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷик Ҷумҳурии Тоҷикистон истон еҳдадоранд:

- муассисаҳои тобеи фарҳангӣ ташкил намуда, онҳоро бо маблағ заминаи моддӣ-техникӣ, мутахассисон таъмин кунанд;

- самтҳои афзалиятноки онҳоро муайян созанд;

- риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фарҳангро таъмин намоянд;

- низомномахои умумии муассисаҳои фарҳангро, ки ба ихтиёри онҳо дода шудаанд ва ё ба онҳо итоат мекунанд тасдиқ ва амалӣ намоянд;

- барномаҳои соҳавии инкишофи фаъолияти фарҳангии муассисаҳои тобеашонро тасдиқ ва дар амал татбиқ намоянд;

- новобаста аз тобеияти идоравӣ дар ташкили фаъолияти фарҳангӣ иштирок намуда, кори муассисаҳои фарҳангро мутобиқ гардонанд;

- роҳбарии методии муассисаҳои тобеи худро таъмин намоянд;

- тартиби такмили ихтисос ва аттестатсияи кормандони муассисахои фарҳангии тобеӣ худро ба роҳ монанд;

- доир ба инкишофи фаъолияи фарҳангии муассисаҳои тобеашон тадбирҳои дигари амалӣ андешанд.

Ваколати мақомоти давлатии ҳокимияти маҳаллӣ бошад дар моддаи 17[1]-и Қонуни мазкур мустаҳкам гардидааст.

**Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанг**

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ваколатҳои зерин доранд:

- таҳия, тасдиқ ва татбиқи барномаҳои рушди фарҳанг дар ҳудуди марзию маъмурии дахлдор;

- танзими фаъолияти муассисаҳои фарҳангии ҳудуди марзию маъмурии дахлдор;

- ташкили озмунҳо, фестивалҳо ва намоишҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ;

- эҳё, ҳифз, нигаҳдорӣ ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ;

- пешниҳод намудани таклиф ба мақомоти ваколатдор барои ба Феҳристи давлатии объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ ворид намудани номи ёдгориҳои дорои аҳамияти таърихию фарҳангӣ;

- мусоидат намудан ба рушди забон, адабиёт, санъати касбӣ, танзими анъана ва расму оинҳо;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст.

Тазаккур бояд дод, ки яке яке аз дастгириҳои давлат ин дар соҳаи фаъолияти китобдори аст, ки давлат рушди хизматрасонии китобдории гурӯҳҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ камтар ҳифзшаванда (кӯдакон, ҷавонон, маъюбон, нафақахӯрон, гурезаҳо, бекорон, модарони серфарзанд, деҳотиён, сокинони минтақаҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои ба онҳо баробаркардашуда)-ро дастгирӣ менамояд.

**Мавзӯъ: 5 Танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии хизматрасонии фарҳангӣ тавассути Кодекси граждани ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», ки соли 1997 таҳти №551, ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ», ки соли 2001 №7 қабул шудааст ба роҳ монда мешавад. Хизматрасонии фарҳанги ин амали соҳибкорони инфироди ва шахсони ҳуқуқи мебошад, ки барои қонеъ намудани талаботи фарҳангии истеъмолкунандагон равона гаштааст. Хизматрасонии фарҳангиро вобаста ба асосҳои гуногун тасниф намудан мумкин аст:

- вобаста ба субъекти хизматрасонӣ;

а) хизматрасонии муассисаҳои кино, театр, филармония, консерватория, сирк, боғи ҳайвонот, муассисаҳои дилхуши ва ғайра.

б) хизматрасони муассисаҳои намоишӣ, рассосӣ, осорхонавӣ, боғҳо, боғҳои фарҳанги ва истироҳатӣ.

в) хизматрасонии мактабҳои мусиқӣ, рассомӣ, хареография, китобхонаҳо.

г) дигар хизматрасонии муассисаҳои соҳаи фарҳанг.

- вобаста ба пардохти маблағи хизматрасони;

а) хизматрасони оид ба харидории чипта барои иштирок дар кинофилм, барномаи видеоӣ, намоишҳои сиркӣ, консерт ва сабти эҷодӣ.

б) хизматрасони оид ба харидории чипта барои дидани осорхона ва намоишҳо.

в) хизматрасони оид ба харидории чипта ба боғи фарҳанги, ҳудудҳои рақсҳои театркунонида.

г) хизматрасони ҷиҳати харидории чипта ба чорабиниҳои фарҳанги ба монанди шабҳои фарҳангӣ.

д) хизматрасонии оид ба истифодабарии студияи сибтию овозӣ ва ғайра.

Дар асоси класификатори умумии хизматрасонии ба аҳоли, ки Федератсияи Россия ҷой дорад, ки хизматрасонии муносибатҳои фарҳанги дар фасли 9 ҷойгир буда аз 3 зерфасл иборат мебошад. Ҳар яке аз ин гурӯҳҳо дорои зернамуди хизматрасони мебошад. Масалан, гурӯҳи якум ва чунин зернамуд ҷудо мешавад:

Хизматрасонии муносибатҳои киною кинопракат:

- намоиши филмҳо;
- намоиши слайдҳо;
- намоиши видеоӣ;

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, иборат аст. Қонуни мазкур ба ҳамаи театрҳо, ташкилотҳои театрии амалкунанда ва театру ташкилотҳои нави театрии таъсисшаванда, инчунин дигар

ташкилотҳое, ки мутобиқи оинномаҳои худ фаъолияти театриро баҷо меоваранд, паҳн мегардад.

Вазифаҳои Қонуни мазкур аз инҳо иборатанд: нигоҳдории хусусияти хоси маданияти театрӣ, инкишофи равобити фарҳангии байналмилалӣ, фароҳам овардани кафолатҳои ҳуқуқӣ барои нигоҳдории низоми таърихан ташаккулёфтаи театрҳои давлатӣ, инкишоф додани театрҳои шаклҳои дигари ташкилӣ ва шаклҳои моликият, татбиқ кардани лоиҳаҳои навоварона дар соҳаи фаъолияти театрӣ, ҳимояи ҳуқуқи таҳиягарон ва ҳунарпешагон барои намоишномаи театрӣ, батадриҷ амалӣ гардонидани сиёсати ҳимояи давлатӣ нисбати санъати театрӣ, кормандони эҷодии театрҳо ва дигар ташкилотҳое, ки мутобиқи оинномаҳои худ фаъолияти театриро амалӣ мегардонанд, таъминоти молиявию иқтисодии фаъолияти театрҳо, низоми ҳимояи иҷтимоии кормандони театрҳо, муҳайё сохтани шароит барои нав гардонидани ҳайатҳои эҷодии театрҳо.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи театр ва фаъолияти театрӣ қисми таркибии сиёсати фарҳангии давлат буда, ба эътирофи нақши нодири театр чун унсури ҷудонашавандаи фарҳанг, воситаи нигоҳдории худогоҳии миллӣ ва забонҳои халқҳо, яке аз муассисаҳои иҷтимоие, ки барои инкишофи ҷомеа аҳамияти калон дорад, асос меёбад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи театр ва фаъолияти театрӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

-мусодиранашаванда ва мансубияти ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар шаҳрванд дар соҳаи эҷодиёти театрӣ ва ҷалбкунӣ ба санъати театр;

-эътирофи нодир будани истеъдод ва масъулияти давлат бахри муҳайё намудани шароит барои татбиқ ва дархости он;

-мустақилияти театрҳо ва ташкилотҳои театрӣ, ҳуқуқи онҳо ба дастгирии давлатӣ, ҳамкории театрҳои ватанӣ ва ҷаҳонӣ.

Бояд намуд, ки мақсади фаъолияти театр инкишофи санъати театрӣ, ташаккул додан ва қонеъ гардонидани талаботи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санъати саҳнавӣ мебошад.

Намудҳои асосии фаъолияти театрӣ инҳоянд:

-офаридан ва намоиш додани намоишномаҳои театрӣ, дигар асарҳои санъати театрӣ дар саҳнаи (саҳнаҳои) асосӣ, гастролҳо ва сафарҳои ҳунарӣ, фуреши чиптаҳо барои чорабиниҳои мазкур;

-тайёр намудани намоишномаҳои театрӣ, консертҳо дар асоси шартномаҳо бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои намоиш додан дар саҳнаҳои хусусӣ ё ба иҷора гирифтаи онҳо, тавассути телевизион, радио, ба наворгирии кино, видео ва дигар маводи сабт дар сурати риояи ҳуқуқи муаллифон ва иҷрокунандагони нақшҳо (партияҳо) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он;

-ташкили дигар чорабиниҳои дорои хусусияти бадеӣ-эҷодӣ, ки бо имкониятҳои худ ё имкониятҳои коллективҳои даъватшуда ва иҷрокунандагони даъватшуда гузаронида мешаванд;

-гузаронидани таҷрибаомезии кормандони касбҳои эҷодии театрӣ бо устодон ва ходимони намоёни театр;

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани хизматрасонии фарҳанги ба кормандони соҳаи фарҳанг Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши фарҳанг чунин меъёрҳои танзими ҳуқуқиро муқаррар намудааст.

Кормандони соҳаи фарҳангу санъат сарфи назар аз мансубияти идоравӣ ӯҳдадоранд, ки ба тарбияи бадеӣ, зебоиписандӣ, омезишу бозмезӣ машғул гарданд, ихтисосашонро такмил диҳанд, аттестатсия шаванд.

Муассисаҳои фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои конеъ гардондани талаботи худ дар таҳияи барномаҳои таълиму тарбияи мутахассисони баландихтисос иштирок менамоянд.

Ба муассисаҳои таълимии фарҳангу санъат ҳуқуқ дода мешавад, ки бе мӯҳлатҳои муқарраршуда ба сафи донишҷӯён довталабонеро қабул кунанд, ки дар ин ё он соҳаи нодири фарҳангу санъат истеъдоду қобилияти фавқулодда доранд ё худ ҷолиби озмунҳои ҷумҳурӣ мебошанд.

Муассисаҳои давлатии фарҳанг барои бозомӯзӣ, такмили ихтисоси кормандони худ шароит фароҳам меоранд.

Муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси кормандони фарҳангу санъат вазифадоранд, ки дархостҳои муассисаҳои давлатии фарҳангро оид ба такмили ихтисоси кормандон иҷро кунанд. Такмили ихтисоси кормандони муассисаҳои ғайридавлатии фарҳанг дар асоси шартномаҳо ташкил мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкили муассисаҳои таълимии хусусӣ ва кооперативии фарҳангу санъат иҷозат дода мешавад.

Аз аттестатсияи навбатӣ гузаштани ҳамлаи кормандони фарҳанг, роҳбарони мақомоти давлатии соҳа, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои фарҳанг ҳатмӣ мебошад.

Мақомоти идории давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои фарҳанг, иттифоқҳои эҷодӣ ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои дар хориҷа тайёр кардан, бозомӯзӣ ва анҷоми такмили ихтисоси кормандони фарҳанг мусоидат мекунанд; ҳамчунин ба тоҷикони берун аз ҳудуди Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки бепул ё пулакӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ аз реи ихтисосҳои соҳаи фарҳанг маълумоти махсус гиранд.

Соҳаи ҳуқуқи муаллиф фаъолияти худро ба татбиқи қонуну қарорҳои соҳавӣ, таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҳкими муносибатҳои корӣ, таҳияи маводҳои аҳдномаҳои байналмилалӣ ва таҳкими муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи соҳавӣ равона сохт. Ҳамзамон, мутобиқи талаботи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андозаҳои ҳадди ақали ҳаққи қалами муаллиф барои нашри асарҳои илм,

адабиёт, санъат ва иҷрои фармоишҳо барои офаридани асарҳои драмавӣ, мусиқӣ, мусиқӣ-драмавӣ ва адабӣ барои иҷрои оммавӣ ё барои ҳуқуқи иҷрои нахустини оммавии асарҳои интишорёфта» таҳия гардида, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои шахсони нобино ва онҳое, ки қобилияти маҳдуди биноиш доранд, инчунин мутобиқ намудани қонунгузории соҳаи ҳуқуқи муаллиф ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, лоиҳаи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба «Аҳдномаи Маррокеш оид ба дастрасии шахсони нобино ва онҳое, ки қобилияти маҳдуди қабул намудани иттилооти чопиро нисбати асарҳои нашршуда доранд» таҳия ва мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Мавзӯъ: 6 Хусусиятҳои хоси фаъолияти фарҳангии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ**

Муассисаҳои давлатии фарҳанг дар доираи оинномаи худ ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳақ доранд.

Ба фаъолияти соҳибкории муассисаҳои давлатии фарҳанг инҳо дохил мешаванд: савдои молҳо ва таҷҳизот, хизмати миёнаравӣ, ҳиссагузорӣ дар фаъолияти корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои тиҷоратӣ (аз ҷумла фарҳанг), харидани саҳмияҳо, вомбаргҳо, коғазҳои арзишноки дигар ва ба тавассути онҳо ба даст овардани фоида - дивидендҳо, фоизҳо.

Ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани муассисаҳои фарҳангӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Соҳибкорони инфироди – шахси воқеии мебошад, ки дар асоси патент ва ё шаҳодатнома фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқи анҷом дода мешавад. Фаъолияти соҳибкори дар асоси патент танҳо аз ҷониби шахси воқеие анҷом дода мешавад, ки ба номи ӯ патент дода шудааст. Пардохт барои патент ин пардохти устувори андоз аз даромад ва андози ичтимои буда аз даромадани дар амал бадастовардаи соҳибкори инфироди дар асоси патент фаъолият кунанда анҷом дода мешавад, агар дар як вақт шартҳои зерин иҷро карда мешавад:

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлати ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба номи чунин соҳибкор дода шуда бошад;
- маблағи патент барои моҳи тақвимии минбаъда аз ҷониби соҳибкор пешакӣ пардохт шуда бошад;
- соҳибкори инфиродӣ фаъолиятро беҷалби корманди кироя ва беамали намудани фаъолияти иқтисоди хориҷӣ;
- намуди фаъолияти соҳибкории анҷомдодаи соҳибкор дар номгӯи фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент пешбини гардида бошад;
- даромади умумии соҳибкори инфиродӣ дар соли тақвими аз 10 0000 сомонӣ зиёд набошад.

Муассисаҳои давлатии фарҳанг дар доираи оинномаи худ ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳақ доранд.

Ба фаъолияти соҳибкории муассисаҳои давлатии фарҳанг инҳо дохил мешаванд:

- савдои молҳо ва таҷҳизот;
- хизмати миёнаравӣ;
- ҳиссагузорӣ дар фаъолияти корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои тиҷоратӣ (аз ҷумла фарҳанг);
- харидани саҳмияҳо, вомбаргҳо, коғазҳои арзишноки дигар ва ба тавассути онҳо ба даст овардани фоида - дивидендҳо, фоизҳо.

Ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани муассисаҳои фарҳангӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Дар бахши фаъолияти фарҳанги мутобиқи номгӯи намудҳои фаъолияти соҳибкори, ки дар асоси патент амали мешавад чунин хизматрасониҳо дохил мегарданд:

- сурудхони дар ҷашну маъракаҳо маблаи патент 540 сомонӣ, ки аз он 390 андози даромад ва 150 сомонӣ андози ичтимоӣ;

- навозандагӣ, раққосӣ ва барандагӣ дар ҷашну маъракаҳо маблағи патент 120 сомонӣ ки аз он 80 сомонӣ андоз аз даромад 40 сомонӣ андози ичтимоӣ;

- истифодаи таҷҳизоти радио телевизион ва таҷҳизоти дигар барои ороиши ҷои маъракаҳо маблағи патент 180 сомонӣ, ки аз он 120 андози даромад ва 60 сомонӣ андози ичтимоӣ;

- банаворгирии ҷои маъракаҳо ва истифодаи наклиёти махсуси автомобили дар базмҳои арусӣ маблағи патент 90 сомонӣ, ки аз он 60 андози даромад ва 30 сомонӣ андози ичтимоӣ;

Дар айни ҳол тибқи қонунгузори истеҳсоли молҳои зераксизи, фаъолияти бонкӣ, истихроҷи қаъри замин, фаъолияти савдо ва хизматрасонӣ агар ҷоӣ 30м$^2$ зиёд бошад.

Соҳибкории инфиродӣ дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда наметавонад воҳиди махсус дошта боша два даромади умумии солонааш аз 500 000 сомонӣ зиёд бошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши фаъолияти фарҳанги соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолият дошта кам ба чашм мерасад.

## Мавзӯъ: 7 Ҷавобгари барои вайрон кардани қонунгузори дар соҳаи фарҳанг

Сарватҳои фарҳангие, ки нисбати онҳо кофтуков эълон шудааст бо мақсади баргардонидани ба соҳиби қонунияш аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор боздошта мешаванд. Бо мақсади пешгирии ба дастовардани сарватҳои фарҳангии аз давлатҳои дигар ғайриқонуни берун баровардашуда, дуздидашуда ва ё ғайриқонуни харидашуда, осорхонаҳои давлатӣ, бойгониҳо, китобхонаҳо ва махзанҳои дигари давлатӣ вазифадоранд дар бораи пайдоиши онҳо маълумоти зарурӣ дошта бошанд.

Дар соҳаи фаъолияти фарҳангӣ чор намуди ҷавобгарии ҳуқуқи барои содир намудани ҳуқуқвайронкуни пешбини шудааст:

- ҷавобгарии гражданӣ;
- ҷавобгарии интизомӣ;
- ҷавобгарии маъмурӣ;
- ҷавобгарии ҷиноятӣ;

Ҷавобгарии граждани дар соҳаи фаъолияти фарҳанги дар мавриде бавуҷуд меояд, ки аз ҷониби субъектони фаъолияти фарҳанги ӯҳдадори иҷро нашудааст, ба таври дахлдор нест ва ё бидуни шартнома зарар ба ҳаёт ва саломатии тарафи дигар рафтааст. Ҷавобгарии граждани хусусияти молу мулки ва ҷуброни дорад, зеро мақсади татбиқи он барқароркунии зарари ба тарафи дигар, яъне ҷабрдида мебошад. Ҷавобгарии граждани аз муносибатҳои ғайришартномави дар ҳолате бавуҷуд меояд, ки бо гуноҳи субъект ба ҳаёт ва саломатии тарафи дигар расонида шудааст. Ҷавобгарии граждани нисбати сохибкорони инфиродии бахши фарҳанг вашахсони ҳуқуқии тиҷорати бо тамоми молу мулки ба ӯ тааллуқ дошта ба истиснои молу мулке, ки мувофиқи қонун аз он ҷуброн гирифта намешавад, масъулият дорад. Масалан, Истифодабарандагони китобхонаҳо вазифадоранд, ки қоидаҳои истифодаи китобхонаҳоро риоя намоянд. Истифодабарандагоне, ки қоидаҳои истифодаи китобхонаҳоро риоя накарда, ба китобхона зарар мерасонанд, онро дар ҳаҷми тибқи қоидаҳои истифодаи китобхонаҳо муайяннамуда ҷуброн карда, инчунин дар ҳолатои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ҷавобгарии интизоми дар бахши фаъолияти фарҳангӣ асосан барои кормандоне, ки дар муассисаҳои фарҳангӣ кор ва фаъолият менамояд вобаста ба оинномаю  низомномаи кори татбиқ мегардад. Ҷавобгарии интизоми дар бахши фарҳанг дар сурате татбиқ мегардад, ки агар корманди соҳаи фарҳанг тартиботи меҳнатиро дар муассиса вайрон намудааст. Тартиботи меҳнатӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ бо қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ки корфармо бо мувофиқаи мақоми намояндагии дахлдори кормандон тасдиқ менамояд муайян карда мешавад. Ҷавобгарии интизоми ин яъне муҷозоти интизоми аст, ки корфармо ҳуқуқ дорад барои вайрон кардани интизоми меҳнат, яъне бо гуноҳи

корманд иҷро нашудан ё ба таври дохлдор иҷро нашудани ӯҳдадориҳояш муҷозоти зерини интизоми истифода карда мешавад:

- сарзаниш;
- танбеҳ;
- аз вазифа озод кардан;

Муҷозот баъди шаш моҳи содири кирдори корманд ва аз рӯи натиҷаҳои тафтиш ё санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагӣ на дертар аз ду сол баъди содири чунин кирдор татбиқ шуда наметавонад. Мӯҳлати амали муҷозоти интизомӣ аз рӯи татбиқи он зиёда аз як сол буда наметавонад.

Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмури низ дар бахши фаъолияти фарҳанги ҷавобгарии маъмуриро пешбини намудааст, ки вобаста ба муносибатҳои зерин татбиқ мегардад.

Моддаи 463-и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар кӯчаҳо, варзишгоҳҳо, хиёбонҳо, боғҳо, дар дохили ҳама намудҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ нӯшидани машруботи спиртӣ ё дар ҳолати мастӣ ҳозир шудан дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ки шаъну шарафи инсон ва ахлоқи ҷамъиятро доғдор менамояд, -

ба андозаи аз як то се нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори дар қисми якуми ҳамин модда пешбинишуда, -

ба андозаи аз се то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Барои кашидани маҳсулоти тамоку, аз ҷумла нос дар дохили

биноҳои маъмури, ҳуҷрахои корни ташкилотҳои давлатй ва ғайридавлати, муассисаҳои тандурустӣ, фарҳангӣ, динӣ, зарзишӣ, таълимӣ, истирохатгоҳҳо, толорҳое, ки дар онхо чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва истироҳатию фароғатӣ гузаронида мешаванд, толорҳои фурудгоҳҳо, вокзалҳои роҳи оҳан ва нақлиёти автомобили, инчунин дар дохили нақлиёги ҷамъияти, ба истиснои ҷойҳои махсуси барои он ҷудокардашуда.

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷавобгарии ҷиноятиро дар бахши фарҳанг муқаррар намудааст, ки меъёрҳои худро дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои 242, 251, 289, 401 мустаҳкам намудааст.

**Моддаи 242. Несту нобуд ё вайрон кардани ёдгориҳои таърих ва фарҳанг**

1)Несту нобуд ё вайрон кардани ёдгориҳои таърих, фарҳанг, комплексҳои табиӣ ё обектҳое, ки таҳти ҳифзи давлат қарор доранд, ҳамчунин предмет ё аснод, ки дорои арзиши таърихӣ ё фарҳангӣ мебошанд,-

бо ҷарима ба андозаи аз ҳафтсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳдуд кардани озодӣ

ба мӯҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, ки вобаста ба объект ё ёдгориҳои махсусан арзишнок содир шудааст,-

бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то ҳафт сол ҷазо дода мешавад.

**Моддаи 251. Тасарруфи ашьё ё асноди дорои арзиши махсус**

1) Тасарруфи ашьё ё асноди дорои арзиши махсуси таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ё фарҳангӣ, сарфи назар аз тарзи тасарруфи он,-

бо ҷарима ба андозаи аз нӯҳсаду дувоздаҳ то якҳазору чорсаду шаст нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдорҳо, агар:

а) такроран;

б) гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешаки ё аз ҷониби гурӯҳи муташаккил, содир шуда бошад;

в) боиси несту нобуд, хароб ё вайрон кардани ашьё ё асноди дар қисми якуми ҳамин модда нишондодашуда гардида бошад ,-

бо ҷарима ба андозаи аз як ҳазору чорсаду шаст то duҳазору яксаду навад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ҷазо дода мешавад.

Тазаккур бояд дод, ки ҳамаи муносибатҳои ҷамъияти дар бахши фарҳанг тавассути меъёрҳои амалкунандаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» танзим карда мешавад. Дар сурати вайрон кардани Қонуни мазкур ҳамаи он шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Факултети ҳуқуқшиносӣ**
**Кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

# ТЕСТ АЗ ФАННИ «ҲУҚУҚИИ ФАРҲАНГӢ»

**барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносииДМТ**

**Мураттиб–Сангинов Д.Ш.**

**Душанбе – 2016**

**@1. Кадом моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсро дар ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ вазифадор мекунад ?**
$A) моддаи 44;
$B) моддаи 47;
$C) моддаи 52;
$D) моддаи 63;
$E) молдаи 73;
**@2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои фарҳангӣ тавассути кадом санади меъёри ҳуқуқи танзим карда мешаванд?**
$A) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ;
$B) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» ;
$C) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурoҷиатҳои шаҳрвандон» ;
$D) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ» ;
$E) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ;
**@3. Фаъолияти фарҳангӣ дорои кадом хусусиятҳо аст ?**
$A) фаъолият дорои хислати инсондӯстона аст (яъне танҳо барои инсон амали гардонида мешавад), ин фаъолият дар ташаккули шахсияти инсон мусоидат менамояд, ин фаъолият доимо дар ҳоли рушд қарор дорад;
$B) фаъолият дорои хислати мусбат, ин фаъолият дар ташаккули шахсияти инсон мусоидат менамояд;
$C) ин фаъолият дорои хислати инсондӯстона аст ;
$D) донишу малакаҳои ба табиату сайёра ва ҳунарҳои анъанавӣ вобаста, инчунин ашёву воситаҳои иҷрои онҳо;
$E) урфу одат, забон, маросиму ҷашнҳо, инчунин ашёву воситаҳои иҷрои онҳо;
**@4. Мероси ғайримоддии фарҳангӣ ин ?**
$A) анъана ва воситаҳои шифоҳии ифода, аз ҷумла забон, урфу одат, маросиму ҷашнҳо, донишу малакаҳои ба табиату сайёра ва ҳунарҳои анъанавӣ вобаста, инчунин ашёву воситаҳои иҷрои онҳо;
$B) анъана, воситаҳои хаттии ифода, аз ҷумла забон, маросиму ҷашнҳо, фаъолият дорои хислати мусбат,инчунин ашёву воситаҳои иҷрои онҳо;
$C) фолклор, касбу ҳунари бадеии халқ намудҳои фарҳанги, донишҳои ба табиату сайёра ва ҳунарҳои анъанавӣ вобаста, инчунин ашёву воситаҳои иҷрои онҳо;
$D) донишу малакаҳои ба табиату сайёра ва ҳунарҳои анъанавӣ вобаста, касиф ва хароб кардани онҳо, беасос шикастан;
$E) саноати маишии фарҳангӣ ва истироҳати, фолклор, беасос шикастан;
**@5. Мақсади Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» ин ?**
$A) Ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро дар фаъолияти фарҳангӣ таъмин ва ҳимоя намуда, муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти фарҳангиро ба танзим медарорад ва сиёсати давлатро дар соҳаи фарҳанг муайян мекунад;
$B) Ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дар фаъолияти фарҳангӣ таъмин ва ҳимоя намуда, муносибатҳои ҷамъиятии субъектҳои фаъолияти фарҳангиро ба танзим медарорад;

$C) Ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандонро вобаста ба фаъолияти фарҳангиро ба танзим медарорад ва сиёсати давлатро дар соҳаи фарҳанг муайян мекунад;
$D) Вазифаҳои шаҳрвандонро дар фаъолияти иқтисоди беруна ва сиёсати давлатро дар соҳаи фарҳанг муайян мекунад;

$E) муносибатҳои ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти фарҳангиро ба танзим медарорад ва сиёсати давлатро дар соҳаи ҳуқуқ муайян мекунад;
**@6. Мероси фарҳангӣ ин ?**
$A) маҷмӯи арзишҳои фарҳангӣ, ки дорои аҳамияти миллию давлатӣ буда, моликияти истисноии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;
$B) маҷмӯи арзишҳои маънавие, ки дорои аҳамияти дунявӣ буда, моликияти истисноии ҶТ мебошанд;
$C) маҷмӯи арзишҳои фарҳангӣ, ки дорои фаъолияте, ки ба офаридани арзишҳо алоқаманд аст;
$D) маҷмӯи арзишҳои моддию маънавие, ки дорои урфу одат, маросиму ҷашнҳо аст;

$E) маҷмӯи арзишҳои пулие, ки дар маросиму ҷашнҳо истифода шудааст;
**@7. Корманди соҳаи фарҳанг ин ?**
$A) шахси воқеие, ки фаъолияти он ба ҳифз, рушд, интишору истифодаи арзишҳои фарҳангӣ ва ҷалби шаҳрвандон ба ин арзишҳо алоқаманд аст;
$B) шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти он ба ҷалби шаҳрвандон ба ин арзишҳо алоқаманд аст;
$C) шахси воқеие, ки фаъолияти он ба ҳифзи ҳуқуқҳои санъаткорон аст; шахси воқеие, ки фаъолияти он оид ба ҳифз, рушд, ва ҷалби пасандозҳо алоқаманд аст;
$E) шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти худро тавассути низомнома ба роҳ мемонад;
**@8. Принсипҳои асосии сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг кадомҳоянд ?**
$A) дастраси умум будани сарватҳои фарҳанг, озодии фаъолияти эҷодӣ, мусоидат кардан ба инкишофи қувваҳои эҷодии шаҳрвандон, эътирофи гуногунақидагӣ ва муносибат ба ҷараёни эҷодӣ, ҳимояи фарҳанги ҳамаи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробарҳуқуқии тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷод, истифода ва интишори сарватҳои фарҳангӣ, ҷанбаи умумимиллӣ, илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона доштани фарҳанг, такомул ва густариши робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, ҷанбаи демократӣ ва давлатию ҷамъиятӣ доштани идоракунии фарҳанг, афзун намудани нуфузи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои эҷодӣ дар фаъолияти фарҳангӣ;
$B) такомул ва густариши робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, ҷанбаи демократӣ ва давлатию ҷамъиятӣ доштани идоракунии фарҳанг, афзун намудани нуфузи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои эҷодӣ дар фаъолияти фарҳангӣ;

$C) ҳимояи фарҳанги ҳамаи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баробарҳуқуқии тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷод, афзун намудани нуфузи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои эҷодӣ дар фаъолияти фарҳангӣ;
$D) баробарҳуқуқии тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷод, истифода ва интишори сарватҳои фарҳангӣ, ҷанбаи умумимиллӣ, илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона доштани фарҳанг, такомул ва густариши робитаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо кишвҷанбаи демократӣ ва давлатию ҷамъиятӣ доштани идоракунии фарҳанг;
$E) афзун намудани нуфузи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои эҷодӣ дар фаъолияти фарҳангӣ, дастраси умум будани сарватҳои фарҳанг, озодии фаъолияти эҷодӣ, мусоидат кардан ба инкишофи қувваҳои эҷодии шаҳрвандон, эътирофи гуногунақидагӣ ва муносибат ба ҷараёни эҷодӣ;

**@9. Ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг ?**

$A) аз комёбиҳои фарҳанги умумимиллӣ ва умумиинонӣ озодона истифода баранд, аз рӯи майлу рағбат ва қобилияти хеш дар ҳамаи намудҳои фаъолияти эҷодии касбӣ ва ғайрикасбӣ шуғл варзанд, соҳибҳуқуқи (муаллифи) моликияти зеҳнӣ бошанд, сирри ҳунари худро маҳфуз доранд, ба дастовардҳои эҷодии худ ихтиёрдорӣ намоянд, сарватҳои маънавӣ, зебоиписандӣ ва ғайраро озодона интихоб кунанд ва дар ҳифзи фарҳангӣ миллии хеш дар ҳимояи давлат бошанд, сарватҳои фарҳангӣ, захираҳои китобхонаҳо, осорхонаю бойгониҳои давлатиро озодона истифода кунанд. Маҳдудиятро барои истифодаи сарватҳои фарҳангӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, нисбат ба мерос ва дастовардҳои муосири фарҳангӣ ғамхор бошанд;
$B) захираҳои китобхонаҳо, осорхонаю бойгониҳои давлатиро озодона истифода кунанд. Маҳдудиятро барои истифодаи сарватҳои фарҳангӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, нисбат ба мерос ва дастовардҳои муосири фарҳангӣ ғамхор бошанд;
$C) маҳдудиятро барои истифодаи сарватҳои фарҳангӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, нисбат ба мерос ва дастовардҳои муосири фарҳангӣ ғамхор бошанд, сарватҳои фарҳангӣ, захираҳои китобхонаҳо;
$D) баробарҳуқуқии тамоми сокинони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар эҷод, осорхонаю бойгониҳои давлатиро озодона истифода кунанд, маҳдудиятро барои истифодаи сарватҳои фарҳангӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, нисбат ба мерос ва дастовардҳои муосири фарҳангӣ ғамхор бошанд;
$E) зебоиписандӣ ва ғайраро озодона интихоб кунанд ва дар ҳифзи фарҳангӣ миллии хеш дар ҳимояи давлат бошанд, сарватҳои фарҳангӣ,афзун намудани нуфузи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои эҷодӣ дар фаъолияти фарҳангӣ, дастраси умум будани сарватҳои фарҳанг;

**@10. Ҳуқуқи гурӯҳҳои миллӣ ва этникӣ ин ?**

$A) намояндагони ҳама гуна ақалиятҳои миллӣ ва этникӣ, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд, ба нигоҳдорӣ, густариш ва ҳифзи фарҳангӣ миллии хеш, ташкили корхона ва муассиса, иттиҳодия, марказ ва ҷамъиятҳои миллии фарҳангӣ ҳуқуқ доранд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марказҳои миллии фарҳангӣ, ҷомеаҳои миллӣ, ассотсиатсияҳо, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои фарҳангии ҳамватанони берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, ҷиҳати бастани созишномаҳои байналмилалӣ дар ин соҳа тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя менамояд;
$B) намояндагони ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои фарҳангии ҳамватанони берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, ҷиҳати бастани созишномаҳои байналмилалӣ дар ин соҳа тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя менамояд;
$C) намояндагони ҳама гуна ташкилотҳои фарҳангии ҳамватанони берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, ҷиҳати бастани созишномаҳои байналмилалӣ дар ин соҳа тадбирҳо меандешад ва ҳуқуқҳои онҳоро ҳимоя менамояд;
$D) намояндагони ҳама гуна ҷомеаҳои миллӣ, ассотсиатсияҳо, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои фарҳангии ҳамватанони берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, ҳимоя менамояд;
$E) намояндагони ҳама гуна давлатҳои фарҳангӣ баҳри афзун намудани нуфузи иттиҳодияи ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои эҷодӣ дар фаъолияти фарҳангӣ, дастраси умум будани сарватҳои фарҳанг;
**@11. Ба сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд ?**
$A) Ба таркиби сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозёфтҳои археологӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, коллексияҳои нодиру ашёҳои қадимӣ ва асарҳои санъат, аз қабили мусаввараҳо, осори наққошӣ, расмҳо, муҷассамаҳо, номҳои аҳамияти таърихӣ дошта, асарҳои ороишӣ (дизайнерӣ), китобҳои дастнавис, дастхатҳои муаллифон, катибаҳо, ҳуҷҷатҳои таърихӣ, нусхаҳои нодир, оромгоҳҳои шахсиятҳои маъруф, боғот ва манзараҳои табиии дорои аҳамияти фарҳангӣ дошта ва ғайра дохил мешаванд. Сарватҳои фарҳанги миллӣ, ки моликияти ҷамъиятӣ, кооперативӣ, омехта, муштарак, шахсӣ ва хусусӣ ҳисоб меёбанд дар асоси қонун сабти ном шуда, дар фаъолияти фарҳангӣ истифода мешаванд;
$B) Ба таркиби сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозёфтҳои археологӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, коллексияҳои нодиру ашёҳои қадимӣ ва асарҳои санъат, аз қабили мусаввараҳо, осори наққошӣ, расмҳо, боғот ва манзараҳои табиии дорои аҳамияти фарҳангӣ дошта ва ғайра дохил мешаванд;
$C) Сарватҳои фарҳанги миллӣ, ки моликияти ҷамъиятӣ, кооперативӣ, омехта, муштарак, сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозёфтҳои археологӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, шахсӣ ва хусусӣ ҳисоб меёбанд дар асоси қонун сабти ном шуда, дар фаъолияти фарҳангӣ истифода мешаванд;

$D) Ба таркиби сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозёфтҳои археологӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, намояндагони ҳама гуна ҷомеаҳои миллӣ, ассотсиатсияҳо, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои фарҳангии ҳамватанони берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, ҳимоя менамояд;
$E) Сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозёфтҳои ҳама гуна ҷомеаҳои миллӣ, ассотсиатсияҳо, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои фарҳангии ҳамватанони берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад археологӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, ҳимоя менамояд;
**@12. Мероси ғайримоддии фарҳангӣ ин ?**
$A) маҷмӯи шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ ва тасаввуроти ба анъанаҳо асосёфта аст, ки эҳсоси хусусияти хос ва робитаи наслҳоро ташаккул медиҳад. Ба таркиби мероси ғайримоддии фарҳангӣ урфу одат, шаклҳои тасаввуроту ифода, донишу малака, забон, достонҳои шифоҳӣ, мусиқӣ, рақс, бозиҳо, устурашиносӣ, маросимҳо, ҳунарҳо, шаклҳои анъанавии робита, тасаввуроти экологӣ, рамзу аломатҳо дохил мешаванд;
$B) маҷмӯи шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ ва донишу малака, забон, достонҳои шифоҳӣ, мусиқӣ, рақс, бозиҳо, устурашиносӣ, маросимҳо, ҳунарҳо, шаклҳои анъанавии робита, тасаввуроти экологӣ, рамзу аломатҳо дохил мешаванд;
$C) маҷмӯи таркиби мероси ғайримоддии фарҳангӣ урфу одат, шаклҳои тасаввуроту ифода, донишу малака ва рамзу аломатҳо дохил мешаванд;
$D) маҷмӯи шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ ва донишу малака, забон, достонҳои шифоҳӣ, мусиқӣ, рақс ва дигар ташкилотҳои фарҳангии ҳамватанони берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, ҳимоя менамояд;
$E) Ба таркиби мероси ғайримоддии фарҳангӣ урфу одат, шаклҳои тасаввуроту ҳама гуна ҷомеаҳои миллӣ, ассотсиатсияҳо, муассисаҳои таълимӣ ва дигар ташкилотҳои фарҳангии ҳамватанони берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад археологӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, ҳимоя менамояд;
**@13. Ҳукумати ҶТ барои таъмини ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом чораҳои заруриро меандешад ?**
$A) сиёсати давлатиро барои баланд бардоштани нақши мероси ғайримоддии фарҳангӣ дар ҷомеа амалӣ менамояд, унсурҳои гуногуни мероси ғайримоддии фарҳангиро бо иштироки ҷамъиятҳо, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои дахлдори ғайриҳукуматӣ муайян менамояд, барои тарбияи мутахассисон дар соҳаи идораи мероси ғайримоддии фарҳангӣ чораҳои дахлдор мандешад, ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи мероси ғайримоддии фарҳангӣ мусоидат мекунад, ҳамкории байналмилалиро оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ ба роҳ мемонад;
$B) сиёсати давлатиро барои баланд бардоштани нақши мероси ғайримоддии фарҳангӣ дар ҷомеа амалӣ менамояд, унсурҳои гуногуни мероси ғайримоддии фарҳангиро бо иштироки ҷамъиятҳо, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои дахлдори ғайриҳукуматӣ муайян менамояд;

$C) барои тарбияи мутахассисон дар соҳаи идораи мероси ғайримоддии фарҳангӣ чораҳои дахлдор мандешад, ба таҳқиқоти ҳамаҷонибаи мероси ғайримоддии фарҳангӣ мусоидат мекунад, ҳамкории байналмилалиро оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ ба роҳ мемонад;
$D) барои тарбияи мутахассисон дар соҳаи идораи мероси ғайримоддии фарҳангӣ чораҳои дахлдор мандешад ва маҷмӯи шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ ва донишу малака, мусиқӣ, рақс ва дигар ташкилотҳои фарҳангии ҳамватанони берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ кӯмак мерасонад, ҳимоя менамояд;
$E) сиёсати давлатиро барои баланд бардоштани нақши мероси ғайримоддии фарҳангӣ дар ҷомеа амалӣ менамояд ва ҳамкории байналмилалиро оид ба ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангӣ ба роҳ мемонад;
**@14. Паҳн ва дастраси омма намудани сарватҳои фарҳанги миллӣ ин ?**
$A) Паҳн ва оммавигардонии миросу комёбиҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муассисаҳои театрию консертӣ, киною видеонамоишдиҳӣ, тамошогоҳҳо, китобхонаҳо, бойгониҳо, клубҳо, қасру хонаҳои фарҳанг, боғҳои фарҳангу истироҳат, марказҳои фарҳангию фароғатӣ, намоишгоҳҳо, осорхонаҳо, ҷойҳои муқаддаси таърихию табиӣ, телевизион ва радио, созмонҳои эҷодӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии кормандони фарҳангу санъат, муассисаҳои сайёҳӣ, таълимгоҳҳои фарҳанг ва санъат, марказҳои паҳнкунандаи донишҳои илмию техникӣ, марказҳои фарҳангиву фароғатии беруназмактабӣ, идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, нашриётҳо ва ғайра амалӣ мегардонанд;
$B) Паҳн ва оммавигардонии миросу комёбиҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро марказҳои фарҳангиву фароғатии беруназмактабӣ, идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, нашриётҳо ва ғайра амалӣ мегардонанд;
$C) Паҳн ва оммавигардонии миросу комёбиҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муассисаҳои телевизион ва радио, созмонҳои эҷодӣ, ҷамъиятии кормандони фарҳангу санъат, муассисаҳои сайёҳӣ, таълимгоҳҳои фарҳанг ва санъат, марказҳои паҳнкунандаи донишҳои илмию техникӣ, нашриётҳо ва ғайра амалӣ мегардонанд;
$D) Паҳн ва оммавигардонии миросу комёбиҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муассисаҳои илмию техникӣ, марказҳои савдо, идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, иттиҳодияҳои динӣ, нашриётҳо ва ғайра амалӣ мегардонанд;
$E) Паҳн ва оммавигардонии фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро танҳо муассисаҳои телевизион ва радио, кормандони фарҳангу санъат ва нашриётҳо амалӣ мегардонанд;
**@15. Фаъолияти эҷодӣ ин ?**
$A) Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии фаъолияти эҷодиро эътироф карда, давлат ба он дахолат намекунад. Давлат фаъолияти эҷодиро дастгирӣ карда ба рушди он ёрии моддию маънавӣ мерасонад, эҷодиётро аз дахолати муассисаҳо, корхонаҳо, ташкилотҳо, ҳизбҳо ҳимоя мекунад, барои амалӣ гаштани маҳсули эҷодкор мадад мерасонад;

$B) Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии фаъолияти эҷодиро эътироф карда, давлат ба он дахолат намекунад ва нашриётҳоро дастгири менамояд;
$C) Давлат фаъолияти эҷодиро дастгирӣ карда ба рушди он ёрии идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, иттиҳодияҳои динӣ, нашриётҳо ва ғайра амалӣ мегардонанд мадад мерасонад;
$D) Давлат фаъолияти эҷодиро дастгирӣ карда ба рушди марказҳои савдо, идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, иттиҳодияҳои динӣ, нашриётҳо ва ғайра амалӣ мегардонанд;
$E) Ҷумҳурии Тоҷикистон озодии фаъолияти эҷодиро эътироф карда, давлат ба рушди он ёрии моддию маънавӣ мерасонад;
**@16. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом мақомотҳо идоракунии низоми фарҳангро ба роҳ мемонанд ?**
$A) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои ташкилот, корхона ва муассисаҳои фарҳанг мебошанд;
$B) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
$C) Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ;
$D) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳодияҳои динӣ;
$E) ҳамаи ҷавобҳо нодуруст;
**@17. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг ?**
$A) сиёсати давлатро дар соҳаи фарҳанг муайян ва амалӣ менамояд, кафолати қонеъ гардондани эҳтиёҷоти фарҳангии шаҳрвандон ҳимояи ҳуқуқи онҳоро дар соҳаи фаъолияти фарҳангӣ таъмин менамояд, барномаҳои ҷумҳуриявӣ, инчунин байнидавлатӣ ва байналмилалии инкишофи фарҳангро баррасӣ ва тасдиқ намуда, онҳоро бо воситаҳои моддию техникӣ ва молиявӣ таъмин менамояд, тартиби таъсис намудан, аз нав ташкил кардан, барҳам додан, тағйири ҷой кардан, нусхабардорӣ намудан ва таъмири иншоотҳои дорои арзиши махсуси таърихӣ ва эстетикиро муайян мекунад, стратегияи барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявии фарҳангиро муайян ва тасдиқ мекунад, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кормандони соҳаи фарҳангро таъмин мекунад, тараққиёти инфраструктураи соҳаи фарҳангро таъмин менамояд, таъминоти молиявию иқтисодии муассисаҳои фарҳанг ва хизматрасонии фарҳангии аҳолиро муайян мекунад, таъсис ва фаъолияти муассисаҳои фарҳанги давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла муассисаҳои фарҳангии хусусиро ҳавасманд гардонида, ба инкишофи заминаи моддиву техникии онҳо мусоидат мекунад, маблағгузории буҷетии муассисаҳои давлатии соҳаи фарҳангро ба роҳ мемонад ва дар мавриди зарурат, дар маблағгузории ташкилотҳои фарҳангии ғайридавлатии соҳаи фарҳанг ҳисса мегузорад, ба монополияи давлатӣ дар соҳаи фаъолияти фарҳангӣ роҳ намедиҳад;
$B) сиёсати давлатро дар соҳаи фарҳанг муайян ва амалӣ менамояд, кафолати қонеъ гардондани эҳтиёҷоти фарҳангии шаҳрвандон ҳимояи ҳуқуқи онҳоро дар соҳаи фаъолияти фарҳангӣ таъмин менамояд, барномаҳои ҷумҳуриявӣ, инчунин байнидавлатӣ ва байналмилалии

инкишофи фарҳангро баррасӣ ва тасдиқ намуда, онҳоро бо воситаҳои моддию техникӣ ва молиявӣ таъмин менамояд, тартиби таъсис намудан, аз нав ташкил кардан, барҳам додан, тағйири ҷой кардан, нусхабардорӣ намудан ва таъмири иншоотҳои дорои арзиши махсуси таърихӣ ва эстетикиро муайян мекунад;
$C) сиёсати давлатро дар соҳаи фарҳанг баҳри инкишофи заминаи моддиву техникии онҳо мусоидат мекунад, маблағгузории буҷетии муассисаҳои давлатии соҳаи фарҳангро ба роҳ мемонад ва дар мавриди зарурат, дар маблағгузории ташкилотҳои фарҳангии ғайридавлатии соҳаи фарҳанг ҳисса мегузорад, ба монополияи давлатӣ дар соҳаи фаъолияти фарҳангӣ роҳ намедиҳад;
$D) сиёсати давлатро оид ба арзиши махсуси таърихӣ ва эстетикиро муайян мекунад, стратегияи барномаҳои мақсадноки ҷумҳуриявии фарҳангиро муайян ва тасдиқ мекунад, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кормандони соҳаи фарҳангро таъмин мекунад, тараққиёти инфраструктураи соҳаи фарҳангро таъмин менамояд, таъминоти молиявию иқтисодии муассисаҳои фарҳанг ва хизматрасонии фарҳангии аҳолиро муайян мекунад;
$E) давлат сиёсати худро оиди фаъолияти эҷодиро дастгирӣ карда ба рушди он ёрии идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, иттиҳодияҳои динӣ, нашриётҳо ва ғайра амалӣ мегардонанд мадад мерасонад;
**@18. Ваколати Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.**
$A) татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг, эҳё, ҳифз, инкишоф, интишори сарватҳои фарҳанги миллӣ, дастраси умум гардондани мероси фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ, сабти ном ва муайян намудани тартиби истифодаи мероси фарҳанги миллии хориҷи кишвар, ташкили ҳамкории фарҳангии байналмилалӣ, барқарор намудани робитаҳои фарҳангӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалии соҳаи фарҳанг, муқаррар намудани тартиби таъсис ва барҳам додани муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ташкили таълиму тарбияи мутахассисон, такмили ихтисоси онҳо, ташкили тадқиқоти илмӣ дар соҳаи фарҳанг, бо иттилоот ва маводи илмӣ-методӣ таъмин кардани муассисаҳо, ҳавасманд кардани фаъолияти шаҳрвандон, аз ҷумла ба воситаи татбиқи сиёсати давлатии андозситонӣ ва нархгузорӣ бо мақсади ҷалб намудани кӯдакон ба кори эҷодӣ, инкишофи фарҳанг, машғул шудан ба худомӯзӣ, санъати ҳаваскорӣ, ҳунармандӣ, ташкили шароит барои таълими ибтидоии бадеӣ, тарбияи умумии зебоишиносӣ, пеш аз ҳама ба тариқи гуманитарӣ кардани соҳаи маориф, дастгирӣ ва тараққӣ додани шабакаи муассисаҳо ва ташкилотҳо – мактабҳои санъат, студияҳо, курсҳо, нигоҳ доштани хизматрасонии асосии бепули китобхонаҳои ҳамаи идораҳову ташкилотҳо, инчунин санъати ҳаваскорӣ (эҷодиёти бадеии ҳаваскорӣ), мусоидат ба ривоҷи хайрия ва талабот дар соҳаи фарҳанг;
$B) татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг, ташкили шароит барои таълими ибтидоии бадеӣ, тарбияи умумии зебоишиносӣ, пеш аз ҳама ба тариқи гуманитарӣ кардани соҳаи маориф, дастгирӣ ва тараққӣ додани шабакаи муассисаҳо ва ташкилотҳо – мактабҳои санъат, студияҳо,

курсҳо, нигоҳ доштани хизматрасонии асосии бепули китобхонаҳои ҳамаи идораҳову ташкилотҳо, инчунин санъати ҳаваскорӣ (эҷодиёти бадеии ҳаваскорӣ), мусоидат ба ривоҷи хайрия ва талабот дар соҳаи фарҳанг;
$C) татбиқи сиёсати давлат барои тартиби таъсис ва барҳам додани муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ташкили таълиму тарбияи мутахассисон, такмили ихтисоси онҳо, ташкили тадқиқоти илмӣ дар соҳаи фарҳанг, бо иттилоот ва маводи илмӣ-методӣ таъмин кардани муассисаҳо, ҳавасманд кардани фаъолияти шаҳрвандон, аз ҷумла ба воситаи татбиқи сиёсати давлатии андозситонӣ ва нархгузорӣ бо мақсади ҷалб намудани кӯдакон ба кори эҷодӣ;
$D) татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг, бо иттилоот ва маводи илмӣ-методӣ таъмин кардани муассисаҳо, ҳавасманд кардани фаъолияти шаҳрвандон, аз ҷумла ба воситаи татбиқи сиёсати давлатии андозситонӣ ва нархгузорӣ бо мақсади ҷалб намудани кӯдакон ба кори эҷодӣ, инкишофи фарҳанг, машғул шудан ба худомӯзӣ, санъати ҳаваскорӣ, ҳунармандӣ, ташкили шароит барои таълими ибтидоии бадеӣ, тарбияи умумии зебоишиносӣ, пеш аз ҳама ба тариқи гуманитарӣ кардани соҳаи маориф, дастгирӣ ва тараққӣ додани шабакаи муассисаҳо ва ташкилотҳо дар соҳаи фарҳанг;
$E) давлат сиёсати худро оиди  фаъолияти эҷодиро дастгирӣ карда ба рушди он ёрии идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, иттиҳодияҳои динӣ, нашриётҳо ва ғайра амалӣ мегардонанд мадад мерасонад;
**@19. Сиёсати инвеститсионӣ дар соҳаи фарҳанг ?**
